Ҳамчунин, дар маҷаллаи дигари ин бонк бошад, чунин қайд шудааст, ки устувории низоми бонкӣ асоси мӯътамади таъмини суботи молиявӣ мебошад. Бинобар ин, сифати фаъолияти бонкҳо барои рушди минбаъдаи иқтисодиёт омили асосӣ ба ҳисоб мераванд [4, с.48].

Дар воқеъ, метавон гуфт, ки муштариён ин истеъмолкунандагони асосии хизматрасониҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ба шумор рафта, дар мавриди боз ҳам андеша кардан ва истифода бурдани имкониятҳои дохила, шароити мусоид ҷиҳати ҷалби бештари аҳолӣ ва дар ин замина ворид намудани маблағҳои аз муомилот бозмондаи онҳо ба дохили бонкҳои тиҷоратӣ имконият пайдо хоҳад шуд.

Дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ, аксарияти кишварҳо бахусус кишварҳои рӯ ба инкишоф кушиш намуда истодаанд, ки ҳар чи бештар содироти худро дар пояи рушди муътадили низоми бонкӣ, ҳиссаи содироти худро нисбат ба воридот афзоиш дода бошанд. Пайдошавии вазъи бӯҳронӣ намегузорад, ки маблағгузориҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар ин шароити бусуботӣ дар он ҳиссагузор бошад.

Аз ин рӯ, яке аз олимони ватанӣ Шариф Раҳимзода қайд намудааст, ки бо мақсади бартараф кардани таъсири манфии омилҳои дохилию берунӣ ба рушди устувори

бонкҳо, бояд пайваста ислоҳоти иқтисодию бонкӣ гузаронида шуда, дар доираи онҳо заминаи боэътимод барои рушди низоми бонкӣ сохта шавад [9, с.509].

Дигар олими ватанӣ У.С.Ҳикматов бошад, чунин навиштааст, ки баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ барои рушди иқтисодиёт ва низоми молиявӣ-қарзӣ, дар гузоштани замина барои зиёд гардидани сармоягузории дохилӣ, инчунин, барои паст гардидани сатҳи камбизоатӣ кӯмак мерасонад [8, с.59].

Бояд зикр намуд, ки гарчанде аз ҷониби бонки марказии кишвар меъёри муайяни сармояи оинномавӣ барои ташкили фаъолияти ташкилотҳои қарзии навтаъсис муқаррар шуда бошад ҳам, аммо баланд бардоштани дараҷаи саводи молиявии аҳолӣ дар фаъолияти минбаъдаи онҳо ҷиҳати расидан ба вазъи рушд ва устувории молиявӣ ин шарти аввалиндараҷаи бонк ба шумор меравад.

Ҳамзамон, дар Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 дарҷ шудааст, ки яке аз самтҳои муҳими маблағгузории рушди устувори макроиқтисодӣ ин маблағгузории қарзии низоми бонкӣ ба шумор меравад [1, с.48].

Дар Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 бошад чунин қайд шудааст, ки фарогирии молиявӣ воситаи самараноки беҳтар намудани дастрасӣ ва истифодаи хизматрасониҳои босифати молиявӣ мебошад, ки дар таъмини рушди устувори бахши молиявӣ нақши муҳим дорад [7, с.74].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир ҷиҳати фарогирии молиявии аҳолӣ ба хизматрасониҳои гуногуни бонкӣ, баланд бардоштани боварӣ ва зиёд намудани шумораи муштариён аз ҷониби низоми бонкии кишвар тадбирҳои зиёд намудани сохтори он, бахусус, дар минтақаҳои дурдасти кишвар идома дорад.

Бинобар ин, дар шароити муосир агар ба сохтори низоми бонкии кишвар назар афканем, шумораи зиёди ташкилотҳои қарзии молиявӣ баҳри таъмини аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ ба фаъолият машғул ҳастанд. Алалхусус, бояд қайд намуд, ки соли 2021 шумораи чунин ташкилотҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 63 адад ба қайд гирифта шудааст [6].

Ногуфта намонад, ки танҳо ташкилотҳои қарзие, ки хизматрасониҳои гуногуни муосирро ба аҳолӣ пешниҳод менамоянд, воқеан ҳам, метавонанд бо ҳамин васила мавқеи худро дар бозори бонкӣ устувор намуда, рақобатпазир эътироф шаванд. Айни ҳол, ба воситаи диаграммаи навбатӣ метавонем шумораи ташкилотҳои қарзии кишварро мушоҳида карда бошем:




**Диаграммаи №1. Шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо адад)**

*Сарчашма: сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj.*

Тибқи диаграммаи мазкур ба мо маълум мегардад, ки дар ин солҳо тамоюли камшавии шумораи ташкилотҳои қарзӣ ба назар расида, аз 84 адади соли 2017 ба 63 адад дар соли 2021 расидааст, ки 21 адад кам ба мушоҳида мерасад. Бояд зикр намуд, ки

дар шароити мураккаб ва осебпазири ҷаҳони муосир танҳо бонкҳои устувору навъовар метавонанд дар бозори бонкӣ бардавом фаъолият намуда бошанд.

Соҳибкорӣ яке аз самтҳои афзалиятнок дар кишвар дониста шуда, баҳри рушди он ҳамасола аз ҷониби низоми бонкӣ маблағгузории қарзӣ пешниҳод мегардад. Маҳз имкониятҳои ин бахш ҷиҳати ба роҳ мондани шаклҳои гуногуни истеҳсолот шароити мусоид фароҳам оварда, дар таъмини бозори истеъмолии дохилӣ ба маҳсулоти ватанӣ заминагузор мебошад. Дар диаграммаи зер метавонем тамоюли пешниҳоди қарзи низоми бонкиро дар бахши соҳибкорӣ дида бароем:




**Диаграммаи №2.Тамоюли пешниҳоди қарзи низоми бонкӣ дар бахши соҳибкорӣ/**
*Сарчашма: сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон* *www.nbt.tj.*

Диаграммаи мазкур онро нишон медиҳад, ки тамоюли пешниҳоди қарзи низоми бонкӣ дар бахши соҳибкорӣ ботадриҷ афзоиш ёфта, аз 1,836 млн. сомонии соли 2017 ба 2,208 млн. сомонӣ дар соли 2021 расидааст, ки афзоиш дар ин солҳо ба 0,372 млн. сомонӣ баробар шудааст.

Дар маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон қайд шудааст, ки сарфи назар аз шаклу намуд ва хусусияту таъиноти мухталиф, қарз дар таъмини рушди иқтисодии кишвар, некӯаҳволӣ ва сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим дорад [5, с.67].

Маврид ба зикр аст, ки таъмини самараноки қарз яке аз воситаҳои муҳими таъмини субъектҳои хоҷагидор бо захираҳои молиявӣ, ба роҳ мондани истеҳсолот, таъмини шуғл ва бештар намудани иқтидори содиротии кишвар нақши калидиро мебозад.

Агар ба сифати сандуқи қарзии низоми бонкии кишвар назар кунем, ҳиссаи бештари пешниҳоди ҳаҷми қарзҳо ба бонкҳо рост меоянд. Аз ин рӯ, аз 11,9 млрд. сомонии ҳаҷми қарзҳои соли 2021 9,4 млрд. сомониаш ба бонкҳо рост меояд [10, с.122] ва тамоюли онро ба воситаи диаграммаи навбатӣ метавонем мушоҳида намоем:




**Диаграммаи №3. Ҳиссаи бонкҳо дар таъмини соҳибкорон ба маблағгузории қарзӣ**
*Сарчашма: сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон* *www.nbt.tj.*

Аз натиҷаи нишондиҳандаҳои диаграмаи мазкур маълум мегардад, ки аз ҷониби бонкҳо пешниҳоди қарз ба фаъолияти соҳибкорӣ дар марҳилаи афзоиш қарор дошта, аз 1,269 млн. сомонии соли 2017 ба 1,497 млн. сомонӣ дар соли 2021 расидааст, ки афзоиши он 0,228 млн. сомониро ташкил намудааст.

Ҳамчунин, бояд қайд намуд, ки ҳиссаи ташкилотҳои маблағгузории хурд низ, дар қатори фаъолияти бонкҳо оиди таъмини соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ назаррас буда, яке аз воситаҳои асосӣ ба шумор меравад. Ҳиссаи ин бахшро метавонем дар диаграммаи зер дида бароем:




*Диаграммаи №4. Ҳиссаи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар таъмини соҳибкорон ба маблағгузории қарзӣ*

*Сарчашма: сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj.*

Диаграммаи мазкур низ, онро нишон медиҳад, ки тамоюли афзоиши қарз ба мушоҳида расида, аз 566,4 млн. сомонии соли 2017 ба 701,2 млн. сомонӣ дар соли 2021 расидааст, ки афзоиши маблағгузории қарзии ташкилотҳои маблағгузории хурд бошад, дар ин давраҳо ба 134,8 млн. сомонӣ расидааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки истифодаи маблағгузории қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз тарафи минтақаҳои кишвар назаррас буда, аз соли 2017 то соли 2021 дар ҳаҷми 49,8 млрд. сомонӣ ба онҳо қарз пешниҳод шудааст. Аз ин рӯ, тамоюли истифодаи қарзро аз ҷониби минтақаҳои кишвар метавонем дар диаграммаи навбатӣ мушоҳида намоем:




**Диаграммаи №5. Тамоюли истифодаи маблағгузории қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз ҷониби минтақаҳои кишвар дар солҳои 2017-2021 (млн. сомонӣ)**

*Сарчашма: сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj.*

Тибқи нишондоди диаграммаи мазкур маълум мегардад, ки дар байни минтақаҳои кишвар оиди истифодаи бештари маблағгузории қарзӣ рақобат вуҷуд дошта, мавқеи пешсафӣ аз ҷониби шаҳри Душанбе ба назар мерасад.

Маҳз бо дастгириҳои ҳукумат дар якчанд соли охир фазои бахши соҳибкории кишвар васеъ гашта, ба ҳолати 1-уми апрели соли 2021 шумораи соҳибкорони фаъолияткунанда дар кишвар ба 339294 нафар расид, ки аз фаъолияти самарабахши онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ соли 2020 мутобиқи баҳодиҳии коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ дар қатори дигар давлатҳои ҷаҳон дар ҷойи 106-ум қарор гирифт.

Сарфи назар аз тамоюли рушди фаъолияти соҳибкорӣ метавон гуфт, ки ҳоло ҳам дар кишвар мушкилотҳои мухталиф мавҷуд ҳастанд, ки монеи таъмини субъектҳои хоҷагидор бо захираҳои молиявӣ мегарданд, аз ҷумла:

- ҳоло ҳам шумораи ками ташкилотҳои қарзӣ ва воҳидҳои сохтории он дар ноҳияҳои дурдаст;
- кам бароҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ;
- меъёри баланди фоизи қарз;
- таъсири манфии бонкҳои мушкилотдор;
- таъсири бӯҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ.

Ҳамчунин, барои ҳалли мушкилоти муносибатҳои қарзӣ ва самаранок намудани таъсири қарз ба рушди соҳибкорӣ метавон аз роҳҳои зерин истифода намуд:

- ҷалби бештари пасандозҳо ва табдил додани онҳо ба захираҳои қарзӣ;
- пешниҳоди қарзҳои дарозмуддату имтиёзнок ба соҳибкороне, ки бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ алоқаи ҳамешагӣ доранд;
- пешниҳоди қарз дар асоси бизнес-план;
- баландбардории сатҳи дониши молиявии аҳолӣ аз ҷониби кормандони низоми бонкӣ.

Бо таҳлилҳои дар боло зикршуда ва бо қабул намудани ҳадафи чоруми стратегии кишвар, яъне саноатикунонии кишвар ва бахусус, бо пешниҳоди эълон шудани солҳои 2022-2026 ҳамчун «Солҳои рушди саноат» бо итминон метавон гуфт, ки дар якчанд соли оянда, маҳс боз ҳам бо дастгириҳои ҳукумат дар самти беҳтар гардонидани рушди фаъолияти соҳибкорию фазои сармоягузорӣ ва зиёдшавии имконияти пешниҳоди қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ самаранокии рушди исеҳсолии кишвар ба назар расида ва бо ин тариқ метавонад иқтидори содиротии кишварро беҳтар гардонад.

**Адабиёт:**


1. *Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025. – Душанбе, 2021. - 46 саҳ;*
2. *Бюллетени омори бонкӣ, соли 2020 (305), - 122 саҳ;*
3. *Маҷаллаи Бонки Миллии Тоҷикистон «Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ», Душанбе, «НАШРИЁТИ МУОСИР», апрел-июни 2020. 2 (89). – 84 саҳ;*
4. *Маҷаллаи Бонки Миллии Тоҷикистон «Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ», Душанбе, «POLYGRAPHGROUP», апрел-июни 2018. 2 (81). – 84 саҳ;*
5. *Маҷаллаи Бонки Миллии Тоҷикистон «Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ», Душанбе, апрел-июни 2017, - 68 саҳ;*
6. *Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон www.nbt.tj;*
7. *Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026. – Душанбе, 2022. – 74 саҳ;*
8. *У.С.Ҳикматов. Саводнокии молиявӣ: васоити таълимӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2021. – 340 саҳ;*
9. *Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз: китоби дарсӣ. – Душанбе: «ЭР-граф», 2018.– 513 саҳ.*

**Хаёев.К.А.**

## БАНКОВСКАЯ СИСТЕМА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ДИНАМИКА ЕЕ КРЕДИТОВАНИЯ В ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОМ СЕКТОРЕ

**Кулябский государственный университет имени Абуабдуллаха Рудаки**

*В данной статье автор рассматривает банковское кредитование как один из основных двигателей своевременного предоставления финансовых ресурсов предпринимателям, а также рассматривает его роль в устойчивом развитии делового сектора страны. С помощью фактологического анализа автор освещает ситуацию на рынке банковских услуг и проблемы этого сектора, а также вносит конкретные предложения по решению проблем кредитных отношений и эффективности кредита для развития бизнеса. Следует отметить, что в ближайшем будущем, по мере улучшения конъюнктуры кредитного рынка банковской системы, будет развиваться внутреннее производство, а значит, улучшится экспортный потенциал страны.*

***Ключевые слова:*** *финансовая система, банковская система, финансово-кредитные учреждения, банковские услуги, банковское кредитование, предпринимательский сектор, экономическое развитие, экспортный потенциал.*

**Hayoev Q.A.**

## THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE DYNAMICS OF ITS LENDING IN THE BUSINESS SECTOR

**Kulob state university named after Abuabdulloh Rudaki**

*This article, the author considers bank lending as one of the main engines for the timely provision of financial resources to entrepreneurs, and also considers its role in the sustainable development of the country's business sector. With the help of factual analysis, the author highlights the situation in the banking services market and the problems of this sector, and also makes specific proposals for solving the problems of credit relations and credit efficiency for business development. It should be noted that in the near future, as the situation in the credit market of the banking system improves, domestic production will develop, which means that the country's export potential will improve.*

***Key words:*** *financial system, banking system, financial institutions, banking services, bank lending, business sector, economic development, export potential.*

***Маълумот оиди муаллиф:***

***Ҳаёев Қиёмуддин Амонуллоевич***, *- ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

УДК 336.717.061:63 (470.64) Комилов Н.Б.

# НАҚШИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ ДАР РУШДИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

*Дар мақолаи мазкур накш ва мақоми ташкилотҳои қарзӣ, пешниҳоди қарзҳо ба субеъктҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ҳангоми таҳқиқи мақола аз пажӯҳиши олимони ватанӣ, усулҳои таҳлили оморӣ, қиёсӣ, математикӣ ва риёзӣ истифода шудааст. Муҳаққиқ вобаста ба таҳлили мақолаи зикршуда маълумотҳоро аз Бонки миллии Тоҷикистон, маълумотҳои ташкилотҳои қарзӣ, маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъоварӣ карда, таҳлилҳо гузаронидааст. Натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда оиди вазъи кунунии қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ хулосабарорӣ карда шудааст.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *қарзҳои бонкӣ, ташкилотҳои қарзӣ, соҳаи кишоварзӣ, субъектҳои хоҷагидор, қарзҳои хурд, қарзҳои имтиёзнок.*

Низоми бонкии кишвар муҳҳарики иқтисодиёт ба шумор рафта, он аз ташкилотҳои қарзӣ ба монанди бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд ташкилотҳои амонатии қарзӣ, фондҳои қарзӣ иборат мебошад. Дар ҳоли ҳозир накш ва мақоми ташкилотҳои қарзӣ дар таъмини соҳаҳои иқтисоди миллӣ, хусусан, соҳаи кишоварзӣ нақши калидӣ дорад.

Низоми бонкии кишвар ҳамчун омили муҳими рушди иҷтимоиву иқтисодии давлат, бояд ба афзалиятҳо ва ба манфиати ҷомеа равона шуда, барои бо сармоя таъмин намудани соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ҳавасманд гардонидани соҳибкорон ва умуман, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодӣ дар ҷомеа хизмат намояд.

Дар шароити муосир омилҳои зиёди дохилию берунӣ метавонанд таъсири манфии худро бевосита ба низоми бонкии кишвар расонанд ва вобаста ба ин, барои бартараф намудани мушкилотҳои мавҷуда ва таҳкими эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ яке аз масъалаҳои муҳим дар назди Бонки марказӣ ва ташкилотҳои қарзӣ ба шумор меравад.

Олимону муҳақиқҷони соҳаи иқтисодиёт ба он назаранд, ки ташкилотҳои қарзӣ барои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ нақши созгор гузошта, ҳамагуна фаъолиятҳо тавассути қарзҳои бонкӣ, ки аз ҷониби ин ташкилотҳо дода мешаванд, пеш рафта истодааст. Аз нигоҳи иқтисодшиноси ватанӣ Ш. Раҳимзода яке аз роҳҳои дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар самти соҳибкории кишоварзӣ дастрасии қарзҳои бонкӣ мебошад [6, с. 161].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо оид ба мушкилотҳои соҳаҳои иқтисоду молия ва бонкдорӣ чунин ибрози андеша намудаанд: «Бонки миллиро зарур аст, ки фаъолияти худро ҷиҳати рушди низоми бонкӣ ва барқарор намудани эътимоди аҳолӣ ба бонкҳо бо роҳи ҷоннок намудани назорати бонкӣ, арзёбии дороии бонкҳо ва мониторинги доимии вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ тақвият бахшад». [2, с.12].

Дар воқеъ таи солҳои охир истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ тадриҷан рушд карда, ҳиссаи соҳаи аграрӣ дар ММД-дар соли 2021-22%-ро ташкил дод. Гарчанде, ки истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзӣ сол то сол афзоиш ёбанд ҳам, аммо мушкилотҳо ба монанди мушкилотҳои молиявӣ дида мешаванд.

Муқаққиқ С. Машғулов дар таҳқиқоти худ муайян кардааст, ки дар соҳаи аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти асосӣ дар самти истеҳсолоти кишоварзӣ ва коркарди маҳсулотҳо дар шакли молӣ дастгирии молиявии доимиро тақозо менамояд[ 4, с.77].

Маълум аст, ки ташкилотҳои қарзии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунанда бештар ба субъектҳои хоҷагидорӣ қарзҳои хурд пешниҳод мекунанд. Ш. Раҳимзода ва Хоҷаев Б.Б. иброз медоранд, ки қарздиҳии хурд аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ имконият медиҳад, ки равнақи фаъолияти соҳибкорӣ, хусусан, соҳибкории

кишоварзӣ ва ба ҷои кор таъмин намудани аҳолӣ таъмин карда шавад, ки ин аз аҳамияти бузурги қарзӣ гувоҳӣ медиҳад [3, с. 25].

Муҳаққиқи дигари соҳаи иқтисодиёт А. Хоҷахонов зикр менамояд, ки истифодаи самарабахши захираҳои қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза механизми додани онҳо ва баргардонидани онҳо дар мӯҳлатҳои муқарраршуда сурат мегирад. Аз ин рӯ, таҳияи заминаи методологӣ ва такмили механизмҳои додан ва баргардонидани маблағҳои қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ зарур аст [5 с,7].

Дар низоми бонкдории асри навин амалиётҳои маркази дар фаъолияти бонкҳо ҷой дорад, ки дар мавриди сифатан татбиқшавии онҳо имконияти мусоид ҷиҳати тақвият бахшидани иқтидори воридшавии воситаҳои молиявӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми захираҳо нақши меҳвариро мебозад. Бинобар ин ҳам, ҷалби босуръати пасандозҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва табдил додани онҳо ба захираҳои қарзӣ аз он амалиётҳои саривақтии зикршудаи бонкҳои тиҷоратӣ ба шумор меравад, ки дар нишондиҳандаҳои зер метавонем тамоюли пешниҳод ва қабули онҳоро мушоҳида карда бошем:




**Диаграммаи 1: Тамоюли пешниҳоди қарз ва ҷалби пасандозҳо аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон**

Аз натиҷаи диаграммаи мазкур ба он хулоса омадан мумкин аст, ки дар тули ин солҳо бонкҳои тиҷоратӣ ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо хизматрасониҳои молиявӣ ба фаъолият машғул шуда, вобаста аз иқтидори фаъолияти худ ҳаҷми муайяни пешниҳоди қарз ва ҷалби пасандозҳоро баҳри фарогирии молиявии аҳолӣ таъмин намуда, дар ин асос, ҷиҳати фаъолгардонии бахши истеҳсолии кишвар заминаи асосӣ гузошта истодааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз бахшҳои муҳимтарини рушди иқтисодиёти миллӣ дар замони муосир, ин рушди соҳаи кишоварзӣ ва қарздиҳӣ ба ин соҳа маҳсуб меёбад. Бо назардошти зарурати баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар, вазъи молиявию иқтисодии субъектҳои кишоварзӣ, коҳиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ андешидани як қатор чорабиниҳо оид ба беҳтарсозӣ ва мустаҳкамкунии муҳити истеҳсолӣ бо роҳи таъмини бехатарии қарзҳои бонкӣ зарур аст. Бояд қайд кард, ки ҳалли мушкилоти дар таъминоти молиявии истеҳсолоти кишоварзӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ мавҷуд буда, пеш аз ҳама, муносибати мунтазам ва бисёрҷонибаро талаб менамояд.

Дар маркази диққати Роҳбари давлат қарор гирифтани таъсиси як бонки махсусгардонидашудаи қарздиҳӣ ба соҳаи соҳибкорӣ ва кишоварзӣ, ки вазифаи асосии он додани қарзҳои дарозмӯҳлат ба ташкилотҳои кишоварзӣ ба мӯҳлатҳои нисбатан дароз ва имтиёзнок аст, нишонаи зарурати дастгирии ин соҳа мебошад. Бинобар ин, ҷиҳати дастгирии рушди соҳа КВД БССТ “Саноатсодиротбонк” таъсис дода шуд, ки ҳадафи онро дастгирии бахшҳои воқеии иқтисодиёт ташкил медиҳад.

Барои рушди соҳаи кишоварзӣ бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ҳамасола қарзҳо пешниҳод мекунанд, ки ин боиси рушди соҳаи кишоварзӣ гардида, дар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ баланд мегардад. Дар воқеъ таи солҳои охир ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон байни якдигар рақобат карда, кӯшиш мекунад, ки ҳарчӣ бештар ба аҳолӣ намудҳои гуногуни қарзҳоро, хусусан, ба соҳаи кишоварзӣ пешниҳод кунанд. Дар айни замон, механизми ягонае, ки ба фаъолияти субъектҳои кишоварзӣ мусоидат менамояд ва ба онҳо қарзҳо пешниҳод мекунад, ин бонкҳои давлатӣ, бонкҳои тиҷоратӣ маҳсуб меёбад. Таъсири механизмҳои қарзии субъектҳои кишоварзиро дар асоси ҷадвали 1 ба таври муфассал дида мебароем.

**Ҷадвали 1.**

**Ҳаҷми маблағгузории қарзҳои додашуда ба субъектҳои кишоварзӣ аз тамоми сарчашмаҳо дар солҳои 2015-2020 (млн. сомонӣ)**

| Солҳо | Маҷмӯи маблағгузории қарзии бонкҳо | Корхонаҳои кишоварзӣ | Кӯтоҳмуддат | Дарозмӯддат | Ҳиссаи қарзҳои кишоварзӣ дар маҷмӯи умумии қарзҳои бонкӣ % |
|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 4186,2 | 295,7 | 197,1 | 98,6 | 7 % |
| 2016 | 3810,3 | 192,1 | 161,6 | 30,5 | 5 % |
| 2017 | 3537,5 | 185,7 | 163,9 | 21,8 | 5,2 % |
| 2018 | 3913,3 | 236,0 | 215,0 | 20,9 | 6 % |
| 2019 | 5021,1 | 265,3 | 255,3 | 10,1 | 5,2 % |
| 2020 | 6370,5 | 290,3 | 279,2 | 11,1 | 4,5 % |

*Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон- 2021. Тоҷикистон: 30- соли Истиқлолияти давлатӣ. ш. Душанбе- 2021. С.-688-689.*

Тибқи нишондодҳои ҷадвали 1 маълум шуд, ки ҳиссаи қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ додашуда дар маҷмуи умумии қарзҳои додашуда ба соҳаҳо дар соли 2015 (295,7 млн. сомонӣ) 7 % -ро ташкил медод ва ин нишондиҳанда новобаста аз мушкилотҳои мавҷудаи солҳои охир дар ҳоли пастравӣ қарор дорад. Нишондиҳандаи мазкур бе назардошти муқоиса ба ММД дар соли 2020 (290,3 млн. сомонӣ)-ро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба соли 2015- 5,4 млн. сомонӣ рӯ ба камшавӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳиссаи қарзҳои кӯтоҳмуддат дар маҷмӯи маблағгузории қарзии бонкҳо таи солҳои таҳлилӣ тамоюли афзоишро доро мебошад. Ҳаҷми чунин қарзҳои додашуда ба субъектҳои кишоварзӣ дар соли 2015 маблағи 197,1 млн. сомониро ташкил медод ва нишондиҳандаи мазкур дар соли 2020 - 279,2 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба соли 2015 - 31,2 млн. сомонӣ зиёд гардидааст. Масъалаи қарзҳои дарозмуддат бошад, дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун масъалаи ташвишовар боқӣ мемонад. Зеро қарзҳои додашудаи дарозмуддат дар соли 2015 - 98,6 млн.сомониро ташкил медод. Дар соли 2020 бошад, он 11,1 млн. сомониро ташкил намуд, ки дар муқоиса бо соли 2015 - 87,5 млн. сомонӣ кам гардидааст. Ин масъала, махсусан, дар шароити мушкилоти имрӯзаи амнияти иқтисодии давлатҳои ҷаҳон, ташвишовар мебошад.

Аз нигоҳи мо миқдори камии ҳаҷми қарзҳои дарозмуддат ба якчанд сабабҳо алоқамандӣ дорад ба монандӣ:

- ҳаҷми ками воситаҳои худии низоми бонкӣ;
- кӯтоҳ будани мӯҳлати захираҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ;
- набудани рақобати соҳавӣ, махсусан, дар қарздиҳии субъектҳои кишоварзӣ;
- набудани имтиёзҳои қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ;
- баланд будани меъёри фоизи қарзҳои додашуда ба субъектҳои кишоварзӣ.

Агар ба тақсимоти ҳаҷми қарзҳо ба шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ назар афканем, маълум мегардад, ки саҳми ташкилотҳои қарзӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ ғайриқаноатбахш мебошад ва воқеияти мазкурро аз ҷадвали 2 мушоҳида кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 2.**

**Тақсимоти ҳаҷми қарзҳои бонкӣ ба шумораи хоҷагиҳои деҳқонии Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)**

| Солҳо | Қарзҳои бонкӣ | Хоҷагиҳои деҳқонӣ (ҳазор адад) | Тақсимоти қарзҳо ба 1 хоҷагии деҳқонӣ ( ҳаз. сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 2015 | 309,2 | 123379 | 2 506,09 |
| 2016 | 154,6 | 145107 | 1 065,42 |
| 2017 | 163,8 | 164631 | 994,95 |
| 2018 | 294,0 | 172668 | 1 702,68 |
| 2019 | 345,1 | 171975 | 2 006,68 |
| 2020 | 1002,9 | 179005 | 5 602,63 |

*Сарчашма: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмӯаи оморӣ// Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон- 2021. Тоҷикистон: 30- соли Истиқлолияти давлатӣ. ш. Душанбе- 2021. С.- 434- 435.*

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 маълум мегардад, ба ғайр аз оне, ки дар соҳаи кишоварзӣ бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд меъёри гарони фоизи қарзҳо пешниҳод мекунанд инчунин, дигар пардохтҳо ба монанди пардохтҳои андозӣ, маблағҳои об, барқ, ки ба рушди соҳаи мазкур таъсри манфӣ мерасонад. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки бонкҳои давлатӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ новобаста аз шакли фаъолияташон қарзҳои имтиёзнок пешниҳод кунанд. Аз ҷадвали мазкур хулоса кардан мумкин аст, ки новобаста аз он ки, на ҳама субъектҳои кишоварзӣ ба қарз эҳтиёҷ доранд, ҳиссаи мутлақи қарзҳои додашудаи бонкҳо ба субъектҳои кишоварзӣ дар сатҳи паст қарор дошта, тақсимоти онҳо ба ҳар як хоҷагии деҳқонӣ ғайри қобили қабул мебошад. Масалан, ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи соҳаи кишоварзӣ ба ҳар як хоҷагии деҳқонӣ дар соли 2015 - 2506,09 сомониро ташкил намудааст ва ин нишондиҳанда дар соли 2020 - 5 602,63 сомониро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо соли 2015 - 3096,54 ҳаз. сомон зиёд гардида, ин нишондиҳанда умуман қаноатмандкунанда нест. Зеро ҳаҷми қарзҳои додашуда дар як қатор давлатҳои пешрафта ва дар ҳоли рушд қарордошта, зиёда аз 100% ММД-и онҳоро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, қайд кардан ба маврид аст, ки новобаста аз зиёд шудани шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ сатҳи самаранокии фаъолияти онҳо аз ҳисоби нигоҳ доштани сатҳи мувозинати нархи маҳсулотҳои истеҳсолшуда ба таври доимӣ таъмини якхелаи бозор кам ба назар мерасад.

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади зиёд намудани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ, ба ташкилотҳои қарзӣ баҳри баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва афзун намудани ҳаҷми қарзҳо ба муштариёни боэътимод, аз ҷумла, додани қарзҳои хурди дорои фоизи паст ба соҳибкорон аз рӯи имкониятҳои мавҷуда мусоидат менамояд.




**Диаграмаи 2:. Динамикаи афзоиши қарзҳои бонкӣ дар нӯҳ моҳи соли 2021 нисбат ба нӯҳ моҳи соли 2020**

Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон

Тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон дар нӯҳ моҳи соли 2021 аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба иқтисодиёт ба маблағи 9977,0 млн. сомонӣ қарз пешниҳод карда шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2020-ум 3384,1 млн. сомонӣ ё 51,3% зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар давраи ҳисоботӣ додашуда маблағи 6535,4 млн. сомонии он ба соҳаи соҳибкорӣ дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020-ум 1923,7 млн. сомонӣ ё 41,7% зиёд мебошад (Диаграмаи 3) [1]

Аз таҳлилҳои расми 3 маълум аст, ки дар соли 2021 тадбирҳои андешидаи давлату ҳукумат дар самти беҳтарсозии шароити иҷтимоию иқтисодии мамлакат натиҷаҳои мусбии худро нишон дода истодааст. Қарзҳои бонкӣ дар маҷмӯъ 51,3% ва қарзҳои бонкии ба соҳибкорон додашуда то 41,7% нисбат ба соли гузашта афзоиш ёфтааст. Пешниҳоди қарзҳои хурд низ, дар ин давра 6 758,2 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2495,7 млн. сомонӣ ё 58,6% зиёд гардидааст. Хусусан, ба соҳибкорони хурду миёна аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ бошад, дар ин давра 3 554,0 млн. сомонӣ қарз пешниҳод гардидааст, ки бештари он ба соҳаҳои кишоварзӣ 16%, савдои хориҷӣ 14,8%, саноат 10,4% ва хизматрасонӣ 13% дода шудааст (диаграмаи 3).




**Диаграммаи 3: Ҳаҷми қарзҳои аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ равонашуда вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт дар ҷумҳурӣ дар 9 моҳи соли 2021, %**

*Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон*

Зимни таҳлилҳо мо маълум кардем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба субъектҳои гуногуни кишоварзӣ аз 19 адад бонк танҳо 6 бонки тиҷоратӣ: БДА ҶТ —"Амонатбонк", ҶСК —Бонки "Эсхата", ҶСП "Спитамен Бонк", ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон", ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд", ҶСП "Бонки —Арванд" ва аз 50 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ бошад, танҳо 7 адади он, ба монанди ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл", ҶСП ТАҚХ —"Ҳумо", ҶДММ ТАҚХ "Финка", ҶДММ ТҚХ "Оксус", ҶДММ ТАҚХ "Матин" ҶСП ТАҚХ "Ардо-капитал" ва ҶДММ ТҚХ "Фурӯз" қарз медиҳанд.

Ҳар як ташкилоти қарзиро зарур аст, ки новобаста аз мушкилоти ҷойдошта, соҳаи кишоварзиро дар доираи имкониятҳои худ дастгирӣ намояд. Ҳамзамон, баҳодиҳии категориявии қарзадокунии субъектҳои кишоварзӣ аз рӯи зинаҳои муайян дар шароити норасоии як қатор меъёрҳо зарур аст.

Ҳангоми таҳлили масъалаи нақш ва мақоми ташкилотҳои қарзӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ сарфи назар аз тамоюли афзоиши сатҳи қарзҳо ба соҳаи кишоварзӣ чунин мушкилотҳо ҷой доранд:

- мушкилоти дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, маълумотнокӣ ва норасоии кадрӣ;
- зиёд будани хавфҳо дар низоми бонкӣ ва қарзҳои ғайрифаъол;

- таъмин нагардидани рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии пасти хизматрасониҳои молиявӣ барои нафароне, ки дар ҷойҳои дурдаст ё деҳаҳо зиндагонӣ мекунанд;
- сатҳи пасти донишу таҷрибаи мутахассисони соҳаи бонкдорӣ;
- фоизи нисбатан баланди қарз, хусусан, қарзҳое, ки ба соҳаи кишоварзӣ пешниҳод мешавад.

Аз рӯи таҳқиқ ва таҳлилҳои гузаронидашуда чунин натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ карда шуд:

1. Нақш ва аҳамияти ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати пешниҳоди қарзҳо ба соҳаи кишоварзӣ муҳим арзёбӣ гардида, назари олимони ватанӣ дар самти пешниҳоди қарзҳои бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ таҳқиқ кардашуда, хусусиятҳои хоси фаъолияти соҳаи кишоварзӣ ва аҳамияту амнияти иқтисодии он баррасӣ гардида, гуфта мешавад, ки гузаштан аз низоми аграрӣ ба саноатӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар ташкилотҳои қарзиро мебояд механизми қарздиҳиро ба соҳаи кишоварзӣ ва саноатӣ сабуктар кунад ва меъёри фоизи қарзҳоро ба ин соҳаҳо пастар намояд;
2. Барои субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзҳои хурд куллайтар буда, ҳиссаи онҳо агар соли 2016 - 3 610 284 сомониро ташкил карда бошад, пас дар соли 2020, ин рақам 6 251 565,00- сомониро ташкил медиҳад, ки соли 2020 нисбат ба соли 2016 -2 641 281 сомонӣ зиёд шудааст. Ҳамзамон, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ташкилотҳои қарзӣ соли 2020 дар ҳаҷми 8 903 692,00 қарзҳои бонкӣ аз рӯи соҳаҳо пешниҳод кардаанд, ки аз ин миқдор қарзҳо 1 441 611,00 сомонӣ ё 16, 2%-қарзҳо ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд;
3. Зимни таҳлили маълум шуд, ки ҳаҷми қарздиҳӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба субъектҳои хоҷагидории кишвар новобаста аз шакли фаъолияташон дар қиёс ба давлатҳои ҳамсоя пасттар буда, ки ин ба рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат карда наметавонад. Таҳлилҳо собит кардаанд, ки агар соли 2016 ҳиссаи қарзҳо дар ММД - 15,1 % 8 ва ҳиссаи қарзҳои кишоварзӣ дар ММД-2,9% -ро ташкил кунад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020 мутаносибат -10,7% ва 2,9 %-ро ташкил медиҳад;
4. Саҳми соҳаи кишоварзӣ дар ММД -23%-ро ташкил медиҳад. Ин сохтор 52% шуғлро дарбар гирифта, барои рушди иқтисодиёт ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ саҳми асосиро мебозад. Ба шарофати ин чораандешиҳо, аз он ҷумла, дастрасӣ ба қарз, грант ва ташаккули иқтидор барои фермерони хурд, лоиҳа коммерсиякунонии маҳсулоти хоҷагии кишоварзию қишлоқро баланд бардошт. Ғайр аз ин, дигар корхонаҳои хурду миёнаи аграрӣ ва ассотсиатсиятҳои истеҳсолкунандагон тавонистанд маҳсулоташонро дар бозори маҳаллӣ ва байналхалқӣ фурушанд.

Ҳамин тавр, барои ҳалли мушкилоти зикргардида ва дигар мушкилоти соҳа, бояд намояндагони давлату ҳукумат пайваста бо ассотсиатсияҳо ва иттиҳодияҳои бонкҳо ва кормандони соҳаи кишоварзӣ нишасту вохуриҳо баргузор намуда, масъалаҳои паст кардани меъёри қарзҳои бонкиро ба соҳаи кишоварзӣ матраҳ намоянд.

**Адабиёт:**


1. *Дробот Е.В. Мировая экономика в условиях пандемии COVID-19: итоги 2020 года и перспективы восстановления // Экономические отношения. – 2020. – Том 10. – № 4. – С. 937-960.*
2. *Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳои кишвар ( 10 май соли 2019)*
3. *Раҳимзода Ш., Хоҷаев Б.Б. Қарздиҳии хурд дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолати муосир ва дурнамо. // Паёми молия ва иқтисод. №3. (23) 2020. С.-25*
4. *С. Махшулов. Мушкилотҳои имрӯзаи қарзии соҳаи хоҷагидорӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Маҷмӯаи фишурдаҳои конференсияи илмӣ-назариявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Душанбе, 2018. С.- 77.*

*5. Ходжахонов А. Совершенствование механизма кредитования сельского хозяйства Таджикистана в условиях переходного периода: дисс. на соис. уч. ст. к.э.н. / А.Ходжахонов. - Душанбе, 2011.- С.-7*

*6. Ш. Раҳимзода. Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди миллӣ. Душанбе «Эр-Граф» 2019. С.-161.*

**Комилов Н.Б.**

## РОЛЬ КРЕДИТНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ В СФЕРЕ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗАЙСТВО

**Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки,**

*В данной статье исследуется роль и статус кредитных организаций, предоставление кредитов хозяйствующим субъектам в сфере сельского хозяйства. В ходе исследования статьи использовались исследования отечественных ученых, методы статистического, сравнительного, и математического анализа. В связи с анализом указанной статьи исследователем были собраны и проанализированы данные Национального банка Таджикистана, данные кредитных организаций, статистические данные Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан. В результате проведенного анализа сделан вывод о текущем состоянии банковских кредитов аграрному сектору.*

***Ключевые слова:*** *банковские кредиты, кредитные организации, агропромышленный комплекс, хозяйствующие субъекты, микро финансирование, льготные кредиты.*

**Komilov N.B**

## THE ROLE OF CREDIT ORGANIZATIONS IN AGRICULTURAL DEVELOPMENT

**Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki**

*This article examines the role and status of credit institutions, the provision of loans to economic entities in the field of agriculture. During the study of the article, the research of domestic scientists, methods of statistical, comparative, and mathematical analysis were used. In connection with the analysis of this article, the researcher collected and analyzed data from the National Bank of Tajikistan, data from credit institutions, and statistical data from the Agency on Statistics under the President of the Republic of Tajikistan. As a result of the analysis, a conclusion was made about the current state of bank loans to the agricultural sector.*

***Key words:*** *bank loans, credit institutions, agro-industrial complex, business entities, microfinance, preferential loans.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Комилов Низомиддин****-номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,*

УДК 336.71:28(575.3) Раҳмонов З.А.

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ БОНКДОРИИ АНЪАНАВӢ ВА БОНКДОРИИ ИСЛОМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

*Дар шароити имрӯза яке аз қисматҳои фаъоли низоми бонкии кишвар ин бонкдории исломӣ мебошад ва он урфу одат, эътиқодҳои динӣ ва соири масъалаҳои дигарро ба инобат мегирад. Аз ин лиҳоз, муаллиф як қатор хусусиятҳои хоси бонкдории исломиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода, ҳамзамон, вазъияти онро дар муқоиса ба дигар бонкҳои анъанавӣ таҳлил намудааст. Дар мақолаи мазкур як қатор нишондиҳандаҳои муқоисавӣ таҳлил гардида, ҳиссаи афзалиятнок ва рушди бонкдории исломӣ дар заминаи маълумотҳои ҶСК "Тавҳидбонк" мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *бонкдории исломӣ, таҳлил, муқоиса, анъана, лизинг, хизматрасонӣ, амалиёт, нишондиҳанда, даромад, ҷарима, қоғазҳои қиматнок, фурӯш, андоз.*

Дар модели бозории хоҷагидорӣ таъмини иҷрои дурусти вазифаҳои идоракунӣ, ки бо воситаи онҳо идоракунии иқтисодиёт ва бахшҳои алоҳидаи он ба роҳ монда мешавад, бисёр муҳим мебошад. "Вазифаҳои идоракунии иқтисодиёт инҳоянд: таҳлили иқтисодӣ, пешгӯӣ (ояндабинӣ, прогнозирование), банақшагирӣ, ташкили дурусти истеҳсолот, ҳавасмандгардонии кормандон, ҷамъоварии иттилооти дақиқ, ба роҳ мондани ҳисобдорӣ, назорати раванди истеҳсолот ва натиҷаҳои он." [1, 25-26].

Яке аз ҳадафҳои асосии таҳқиқоти анҷомгардида, ин мушаххасоти фаъолияти бонкҳои исломӣ дар муқоиса бо бонкҳои анъанавӣ мебошад. "Самти муҳими таҷдиди низоми бонкӣ дар кишварҳои ИДМ дар баробари васеъшавии доираи фаъолияти бонкҳои анъанавӣ таъсиси ба истилоҳ бонкҳои исломӣ мебошад, ки аз намудҳои дигари бонкҳо тафовути назаррас доранд. Бешак, дар баробари кишварҳои пешрафта дар оянда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ бонкҳои исломӣ метавонанд тавассути иваз кардани шакл ва усулҳои хизматрасонӣ тибқи талаботи бозори хизматрасонӣ эътимоди бештари мизоҷонро ба даст оранд ва мавқеи худро мустаҳкам намоянд." [2, 9-10]. Аз ин лиҳоз, зарурриятҳои иқтисодӣ ва талаботҳои ҷойдошта водор ба он менамояд, ки чунин фарқиятҳо дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ ва пешниҳод гардад. Ташаккули даромад дар бонкдории исломӣ аз бонкдории анъанавӣ ба таври ҷиддӣ фарқият дорад. Ин аз мундариҷаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фаъолияти бонкдории исломӣ бармеояд. Маълум аст, ки дар бонки анъанавӣ даромад аз ҳисоби чунин сарчашмаҳо ба даст оварда мешавад:

- даромаде, ки дар шакли фоиз гирифта мешавад ва он манбаи устувори даромади ҳамаи бонкҳои анъанавӣ мебошаду дар сохтори даромадҳои бонк мавқеи аввалиндараҷаро дорад;
- даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳои гуногуни бонкӣ, аз ҷумла, амалиёт бо суратҳисобҳо, хизматрасонии суратҳисобҳои асъорӣ, хизматрасонии амонатӣ, хизматрасонии кафолатҳои бонкӣ ва ғайра;
- даромад аз амалиёти лизингӣ, хизматрасонии брокерӣ ва ғайра;
- даромад дар шакли ҷарима, ҷурмона (пеня) ва маблағи ноустуворӣ (неустойка);
- даромад аз фурӯши коғазҳои қиматнок.

Дар мавриди бонкдории исломӣ манбаъҳои даромади онҳо аз бонкҳои анъанавӣ куллан фарқ мекунанд, зеро тибқи принсипҳои бонкдории исломӣ, ки дар доираи қонунҳои шариат амал мекунанд, ситонидани фоизҳо ва даромадҳо аз амалиётҳои манфиатҷӯёна аз рӯйхати манбаъҳои даромад хориҷ карда шудааст. Ба таври дигар, ин намудҳои даромад қатъиян манъ карда шудаанд, бар ивази ин, манбаъҳои асосии даромад барои бонкҳои исломӣ чунин муқаррар карда шудаанд:

- даромаде, ки дар шакли ҳисса дар фоидаи сармояи маблағгузорӣ ба даст омадааст;

- даромаде, ки аз фурӯши амволи ғайриманқул бо пардохт дар мӯҳлати ба давраҳо тақсим кардашуда (*иҷора*) ба даст оварда мешавад. Ин мушобеҳи муносибатҳои лизингӣ мебошад;

- даромад аз хариду фурӯши мол ва хизматрасонӣ (созишномаҳои шартномавии *муробаҳа*);

- даромад аз барориши *сукук* (ин шакли вомҳо, қоғазҳои қиматноки дарозмуддат мебошад, ки бонкҳои исломӣ баровардаанд);

- даромаде, ки ба сифати андоз аз сарват бо номи “*закот*” гирифта мешавад. Ин намуди андоз аз бонкдории исломӣ ба намудҳои дигари даромад тааллуқ дорад.

Бонкдории исломӣ ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қарибӣ ворид шудааст ва ҳанӯз низоми ҷавон аст. Аз ин рӯ, таҳлили баъзе нишондиҳандаҳои мутлақ, нисбӣ ва тамоюли ҳиссаи бозор, инчунин, даромаднокии нисбӣ, шумораи мизоҷон ва хароҷоти нисбии сармоя ба мақсад мувофиқ аст. Бояд қайд кард, ки дар ин ҷо муқоисаи фаъолияти бонки исломиро на бо ҳама бонкҳо, балки бо он бонкҳое, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон раддабандӣ ва эътибори баланд доранд ва аз ин мавқеъ рақибони асосӣ маҳсуб мешаванд, амалӣ менамоем. Дар асоси он ҳиссаи бозории ҳар як бонк алоҳида муайян карда мешавад. Дар мавриди ҳиссаи нисбии онҳо дар бозор бошад, он ҳамчун таносуби асъори тавозунии ҳар як бонк ба ҳиссаи умумии рақибони асосӣ ҳисоб карда мешавад. Натиҷаҳои ҳисоб дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.**

**Ҳиссаи мутлақ ва нисбии бонкҳои анъанавӣ ва исломӣ дар бозори молиявӣ***

| Номи бонк | Дороиҳои бонк (млн. сомонӣ) | Ҳиссаи мутлақ дар бозор (бо %) | Ҳиссаи нисбӣ дар бозор (%) | Рада-бандӣ |
|---|---|---|---|---|
| **Амонатбонк** | 4969,6 | 18,89 | 35,49 | 1 |
| **Бонки Эсхата** | 2444 | 9,29 | 17,45 | 3 |
| **Ориёнбонк** | 4034,2 | 15,34 | 28,81 | 2 |
| **Аввалин бонки молиявии хурд** | 991,3 | 3,77 | 7,08 | 4 |
| **Спитаменбонк** | 860,3 | 3,27 | 6,14 | 5 |
| **Бонки Арванд** | 566,2 | 2,15 | 4,04 | 6 |
| **Тавҳидбонк** | 138,1 | 0,52 | 0,99 | 7 |
| **Ҳиссаи ишғолкардаи бонк дар бозори молиявӣ** | 14003,7 | 53,23 | 100 | |
| **Ҳаҷми бозори молиявӣ** | 26307,4 | 100 | | |

*Ҳисоби муаллиф, манбаъ: [9].*

Аз маълумоти ҷадвал маълум мешавад, ки дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои анъанавии дар ин гурӯҳбуда, 52,71% ҳиссаи бозори бонкии кишварро хизматрасонӣ мекунанд. Дар радабандии сатҳи ҷумҳурӣ мақоми аввалро БДА “Амонатбонк”, ҷои дуюмро ҶСК “Ориёнбонк”, сеюмро ҶСК “Бонки Эсхата”, чаҳорумро ҶСП “Аввалин бонки маблағгузории хурд” ишғол менамоянд. Дар байни онҳо “Тавҳидбонк”-и исломӣ ҳам аз рӯи нишондиҳандаи ҳиссаи мутлақи бозор ва ҳам аз рӯи нишондиҳандаи ҳиссаи нисбии бозор дар раддабандӣ ҷойгоҳи охиринро ишғол мекунад.

Ин аз он сабаб аст, ки бонки мазкур ҳанӯз дар марҳилаи аввали рушд қарор дорад ва он бояд дар дурнамо ҳиссаи муайяни бозорро аз худ кунад. Агар ба далелҳо рӯ оварем, тавре ки аз маълумоти ҷадвал бармеояд, се бонки калон ҳиссаи мутлақро доранд, пеш аз ҳама БДА “Амонатбонк” бо ҳиссаи 18,89%, ҶСК “Ориёнбонк” - 15,34%, ҶСК “Бонки Эсхата”- 9.29%. Ин ҳолат ба онҳо имкон дод, ки аз рӯи ҳиссаи нисбии

бозор низ, пешсаф бошанд, яъне бонкҳои мазкур мутаносибан 35,49%, 28,81% ва 17,45%-и бозори хизматрасониҳои бонкии кишварро ба ӯҳда доранд.

Аслан вазъи молиявии бонк аз сиёсати қарзӣ ва амонатӣ, ки аз ҷониби роҳбарияти бонк амалӣ карда мешавад, инчунин, аз шароити муҳити берунӣ ва дохилӣ маншаъ мегирад.

Динамикаи мусбии ҳаҷми бозори молиявӣ метавонад тамоюлҳои мусбии ҳиссаи бозорро тавсиф кунад, аз ҷумла, он метавонад натиҷаи афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ дар кишвар ва ё васеъ шудани сохтори тақсимоти воситаҳои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорони хурд, миёна ва калон, афзоиши фаъолнокии аҳолӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт ва ғайра бошад.

Дар шароити хоҷагидории бозорӣ меъёри асосие, ки барои мавҷудияти минбаъдаи субъекти дилхоҳи иқтисодиёт имкон медиҳад, даромаднокӣ мебошад. Ин ба фаъолияти бонкҳо, низ дахл дорад ва дар бонкҳои исломӣ ва анъанавӣ даромаднокӣ ҳамчун таносуби фоида ба сармояи саҳҳомии бонк муайян карда мешавад. Ғайр аз ин нишондиҳанда ҳангоми таҳлил, инчунин даромаднокии ба ном нисбӣ истифода мешавад, ки онро ҳамчун муқоисаи даромаднокии бонки мушаххас бо нишондиҳандаи миёнаи шабеҳи рақибони асосӣ ҳисоб мекунанд. Пешбинӣ мешавад, ки даромаднокии нисбӣ метавонад ба тасмими мизоҷ оиди ҷойгиркунии маблағҳо дар ин ё он бонк таъсир расонад. Ин маънои онро дорад, ки сатҳи даромаднокӣ метавонад нишони тақвиятёбии рақобат байни бонкҳо бошад.

**Ҷадвали 2.**

**Даромаднокии фаъолияти бонкҳои анъанавӣ ва исломӣ**

| Номгуй | Фоидаи соф (млн. сомонӣ) | Сармояи тавозунӣ, (млн. сомонӣ) | Даромаднокӣ (ба 1 сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| **Амонатбонк** | 66,2 | 575,7 | 0,1149 |
| **Бонки Эсхата** | 116 | 574,5 | 0,2019 |
| **Ориёнбонк** | 127,7 | 1026,3 | 0,1244 |
| **Аввалин бонки молиявии хурд** | 29,1 | 167,4 | 0,1738 |
| **Спитаменбонк** | 5,5 | 154,5 | 0,0356 |
| **Бонки Арванд** | 9 | 124,8 | 0,0721 |
| **Тавҳидбонк** | 4,4 | 109,2 | 0,0402 |

*Сарчашма. Ҳисоби муаллиф, манбаъ: [9].*

Маълумоти дар ҷадвал овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҶСК "Бонки Эсхата" даромаднокии аз ҳама баланд дорад, зеро бонки мазкур барои ҳар сомонии сармояи худ 0,2019 сомонӣ фоида гирифтааст. Дар ҷои дуюм бонки ҶСК «АБМХ» бо нишондиҳандаи 0,1738 сомонӣ ва ҶСК «Ориёнбонк» бо нишондоди 0,1244 сомонӣ дар ҷои сеюм қарор доранд. Ин ҳолат маънои рақобатпазирии ин бонкҳоро дар муқоиса бо дигарон нишон медиҳад. Дар мавриди даромаднокии нисбии бонкҳои зикршуда, онҳо низ нисбат ба дигар бонкҳо баланданд, яъне аз даромаднокии миёнаи бонкҳои баррасишаванда мутаносибан 1,5565, 1,5798 ва 1,4017 маротиба зиёдтаранд.

Тавре аз ҳисобу китоби даромаднокии бонки исломӣ дида мешавад, ҳарчанд он дар мақоми охир қарор дорад, аммо метавонад дар оянда беҳтар шавад, зеро ин бонк нисбатан дар оғози фаъолият қарор дорад.

Маълум аст, ки ҳиссаи бозории бонкҳо ҳамчун нишондиҳанда ҳиссаи ҳаҷми фурӯши маҳсулот ё хизматрасониҳои бонкиро аз ҷониби ҳар як муассисаи молиявӣ ва қарзии баррасишаванда дар ҳаҷми умумии фурӯш тавсиф мекунад. Дар асоси тағйирёбии ҳаҷми умумии дороиҳои бонкҳо- рақибони асосӣ барои солҳои 2013-2021 метавон тағйиротҳои ҳиссаи онҳоро дар бозор таҳлил кард, зеро тағйирот дар дороиҳои бонкҳо дар аксари ҳолатҳо бо тағйирёбии ҳиссаи фурӯши маҳсулот ва

хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳар як муассисаи баррасишавандаи молиявии қарзӣ ҳамшафат аст.

Нишондиҳандаи дигаре, ки самаранокии бонкро аз рӯи яке аз методологияҳо тавсиф мекунад, нишондиҳандаи сатҳи тамаркузи пул мебошад, ки дар ду самт муайян карда мешавад: 1) сатҳи тамаркузи мизоҷони хусусӣ, ки ҳамчун маблағи пасандозҳо аз 20 амонатгузори калонтарин нисбати ӯҳдадориҳои бонк ҳисоб карда мешавад, 2) сатҳи тамаркузи мизоҷони корпоративӣ, ки ҳамчун маблағи қарзҳои ба 20 мизоҷи калонтарин додашуда, нисбати ҳаҷми умумии қарзи бонкҳо ҳисоб карда мешавад [10].

Таҷриба нишон медиҳад, ки нуфуз ва рушди ҳар як бонки амалкунанда дар сатҳи аввал аз иқтидори захиравӣ ва дар марҳалаи дуюм аз қобилияти пардохтпазирии он вобаста аст. Ҳамчунин, тамоми бонкҳои муваффақ дар бозори бонкӣ захираҳои зиёди пулӣ дошта, хадамоти идоракунӣ ва сафарбарсозӣ дар ин бонкҳо мувофиқ ба талаботҳои иқтисодиёти бозорӣ пеш бурда мешавад. Дар асоси онҳо мо нишондиҳандаҳоро ҳисоб мекунем, ки дар ҷадвали 3 инъикос ёфтаанд.

**Ҷадвали 3.**

**Сатҳи тамаркузи мизоҷони хусусӣ ва корпоративии бонкҳо**

| Нишондиҳандаҳо | Амонатбонк | Бонки Эсхата | Ориёнбанк | АБМХ | Спитамен бонк | Банк иАрванд | Тавхидбонк |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Маблағи пасандозҳо (млн. сомонӣ)** | 3775,7 | 1151,7 | 1815,8 | 753 | 320,6 | 106,9 | 37,5 |
| **Ӯҳдадориҳои умумии бонк (млн. сомонӣ)** | 4511,6 | 1993,4 | 3114,3 | 846,7 | 734,2 | 458,9 | 49,2 |
| ***Сатҳи тамаркузи мизоҷони хусусӣ (%)*** | 83,69 | 57,78 | 58,31 | 88,93 | 43,67 | 23,29 | 76,22 |
| **Маблағи қарзҳо (млн. сомонӣ)** | 556,1 | 1508,9 | 2481,2 | 359,2 | 447,8 | 398,7 | 11,9 |
| **Маблағи умумии дороиҳо (млн. сомонӣ)** | 4969,6 | 2444 | 4034,2 | 991,3 | 860,3 | 566,2 | 138,1 |
| ***Сатҳи тамаркузи мизоҷони корпоративӣ (%)*** | 11,19 | 61,74 | 61,50 | 36,24 | 52,05 | 70,42 | 8,62 |

*Сарчашма. Ҳисоби муаллиф, дар асоси [9].*

Тавре ки, дар ҷадвал нишон дода шудааст, мувофиқи нишондиҳанда, сатҳи тамаркузи мизоҷони хусусӣ дар байни бонкҳои ватании баррасишаванда мавқеи аввалин аз ҷониби ҶСП “Аввалин Бонки молиявииии хурд ишғол шудааст, ки ин нишондиҳанда дар сатҳи 88,93% аст. Ҷойи дуюмро БДА “Амонатбонк” ишғол мекунад, ки дар он нишондиҳандаи тамаркузи миҷозони хусусӣ ба 83,69% баробар мебошад. Тафовут дар дараҷаи тамаркуз дар ин бонкҳо ночиз аст, бинобар ин, метавон тахмин кард, ки қисми зиёди аҳолии кишвар дар марҳилаи кунунии рушд нигоҳ доштани захираҳои пулии озоди худро дар онҳо афзал медонанд. Дар ҷои сеюм ҶСК «Тавҳидбонк» бо арзиши 76,22% қарор дорад. Бо вуҷуди ҷавонии нисбӣ дар соҳаи бонкдории исломӣ, ин нишондодро метавон муваффақияти хоси Тавҳидбонк арзёбӣ кард. Ин далели он аст, ки пасандозҳои исломиро мардум тадриҷан пазируфта истодаанд.

Аммо аз рӯи меъёри сатҳи тамаркузи миҷозони корпоративӣ мавқеи ҶСП “Бонки Арванд” дар мақоми хеле баланд қарор дорад, ки арзиши ин нишондиҳанда 70,42%-ро ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки дастрасии захираҳои қарзӣ дар бонки мазкур нисбат ба бонкҳои дигари баррасишаванда зиёдтар аст, ки ин ба устувории молиявии онҳо таъсири мусбӣ мерасонад. Ҷойи дуюмро дар самти тамаркузи миҷозони корпоративӣ ҶСК “Бонки Эсхата” ишғол мекунад, ки нишондиҳандаи он 61,74%-ро ташкил медиҳад. Вазъияти бадтарин аз рӯи ин нишондиҳанда дар “Тавҳидбонк” мушоҳида мешавад, ки дар он коэффитсиенти мазкур аз ҳама пасттарин – 8,62% аст ва инчунин, дар БДА “Амонатбонк” он 11,19% -ро ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки ҳарду бонк мизоҷони калонтаринро дар мавриди ҷойгир кардани қарзҳо дар байни сохторҳои корпоративии тиҷоратӣ пайдо накарданд.

Нисбати “Тавҳидбонк” вазъият каме равшантар аст, зеро ҳамчун бонки нав “Тавҳидбонк” то ҳол оиди пешниҳоди қарзҳо майдони мувофиқро ишғол накардааст, аммо дар дурнамо вазъият метавонад куллан тағйир ёбад, зеро бонки исломӣ аз ҷиҳати мундариҷа ва фаъолият бонки инвеститсионӣ мебошад ва метавонанд корро ба тарзи дигар ба роҳ монад.

*1. Бакатин Д. Особенности управления государственной собственностью в современных условиях. М.: Изд. МГУ, 2002. https://cyberleninka.ru/article/n/obschestvennyy-sektor-v-transformatsionnoy-ekonomike-rossii. [санаи муроҷиат 14. 12. 2021 с.].*

*2. Балацкий Е. В., Конышев В. А. Российская модель государственного сектора экономики. М.: ЗАО «Издательство «Экономика», 2005. - 390 с.*

*3. Каргин Е. С. (2013). Новый взгляд на государственный сектор экономики // Экономическое возрождение России, № 3 (37), С. 114-124.*

*4. Коломак Е.А. (2013). Неравномерное пространственное развитие в России: объяснения новой экономической географии // Вопросы экономики, № 2, 2013. – С. 133.*

*5. Макконелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс: принципы, проблемы и политика: Пер. с 14-го англ. изд. – М.: ИНФРА-М, 2002. – С. 118.*

*6. Одинг Н., Заостровцев А. Аналитический обзор процесса национализации и его влияния на экономику Великобритании и Италии после второй мировой войны. // Инвест-курьер.–1997.–июль.– С. 60-61.*

*7. Прохорова, В.В. Управление муниципальной собственностью (отечественный и зарубежный опыт) [Текст]: учебное пособие / В.В. Прохорова. Куб ГТУ., Краснодар, 2003 г.– С. 38.*

*8. Сакс Дж. Д., Ларрен Ф. Б. Макроэкономика. Глобальный подход: Пер с анг.-М.: Дело, 1996. – 849 с.*

*9. Сатаев Савр Борисович. Развитие региональной системы управления предприятиями государственного сектора экономики. Диссертация на соискание учёной степени кандидата экономических наук. – 2004, С. 36.*

*10. Сосна С.А. Государственный сектор в экономике развивающихся стран. – М.: Наука, 1989. – С.125.*

*11. Уткина, Э.А. Государственное и муниципальное управление [Текст ] / Э.А. Уткина, А.Ф. Денисов. М.: Ассоциация авторов и издателей «Тандем». Издательство «ЭКМОС». – 2001 г. – С. 69.*

*12. Якобсон Л. И. Государственный сектор в экономике переходного периода. (http://ecsocman.hse.ru/data /476/678/1219/014_yakobson.pdf – [санаи муроҷиат: 10. 02. 2022].*

**Ашуров У.З.**

# ОПЫТ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН В УПРАВЛЕНИИ ПРЕДПРИЯТИЯМИ ОБЩЕСТВЕННОГО СЕКТОРА ЭКОНОМИКИ

**Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики**

*В представленной статье рассматривается социально-экономическая роль предприятий государственного сектора в развитии мировых стран. Во взаимосвязи с этим исследован опыт развитых стран в сфере предприятий государственного сектора и их вклад в экономическое развитие.*

*В данном направлении проведен анализ и исследована эффективность предприятий государственного сектора и внедрения передовых механизмов управления в некоторых развитых странах, в частности Италии, Великобритании, Германии, Франции, Нидерландах, США, Канаде и Корее.*

*Также осуществлено исследование различных форм управления предприятиями государственного сектора, к числу которых относятся прямое управление, договоры на обслуживание, концессии, договоры аренды, делегирование управления, аутсорсинговое управление и пр. Во взаимосвязи изучается опыт зарубежных стран и его сопоставление с отечественным опытом для проведения углубленного теоретического анализа социально-экономической значимости предприятий государственного сектора в регионах и совершенствования политики органов местного самоуправления по управлению предприятиями государственного сектора.*

***Ключевые слова:*** *холдинговое управление, корпорация, региональное самоуправление, местное самоуправление, управление государственным сектором, прямое управление, стратегические государственные интересы, государственная собственность, делегирование управления, финансовые интересы, концессия, аутсорсинговое управление.*

**Ashurov U.Z.**

## EXPERIENCE OF FOREIGN COUNTRIES IN THE MANAGEMENT OF ENTERPRISES OF THE PUBLIC SECTOR OF THE ECONOMY

**Tajik State University of Law, Business and Politics**

*In the presented article, the author examines the socio-economic role of public sector enterprises in the development of world countries. In connection with this, a study was developed on the experience of developed countries in the field of public sector enterprises and their contribution to economic development.*

*In this direction, the analysis and study of the effectiveness of public sector enterprises and the introduction of advanced management mechanisms in some developed countries, in particular Italy, Great Britain, Germany, France, the Netherlands, the USA, Canada and Korea, was carried out.*

*Also, a study was made of various forms of management of public sector enterprises, which include direct management, service contracts, concessions, lease agreements, delegation of management, outsourcing management, etc. theoretical analysis of the socio-economic significance of public sector enterprises in the regions and improvement of the policy of local governments on the management of public sector enterprises.*

***Keywords:*** *holding management, corporation, regional self-government, local self-government, public sector management, direct management, strategic state interests, state ownership, delegation of management, financial interests, concession, outsourcing management.*

***Маълумот дар бораи муаллиф:***

***Ашуров Умеджон Зайниддинович*** - *н.и.и. муаллими калони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.*

УДК 332.1 Ҷӯразода К.К.

# ДОКТРИНАИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАВӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

*Дар мақола масъалаҳои назариявии ҳамгироиии иқтисодӣ ва мувофиқатии онҳо дар шароити бӯҳронҳои глобаливу минтақавӣ ва мураккаб гаштани муносибатҳои кишварҳо, ҳамзамон, таҳримҳо зери таҳқиқ қарор гирифта шудааст. Таҳлил карда шудааст, ки назарияҳои ҳамгироии иқтисодӣ барои кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф тафовут дошта метавонад ва доктринаи нави ҳамгироии иқтисодӣ бояд таҳия карда шуда, бархурди манфиатҳо дар ин раванд ба сатҳи паст оварда шавад. Пешниҳод гардидааст, ки ниҳоди алоҳида дар самти дарёфти манфиати умум дар доираи гурӯҳи ҳамгироӣ таҳқиқот барад.*

***<u>Калидвожаҳо</u>**: ҳамгироии иқтисодӣ, доктрина ва консепсияи иқтисодӣ, манфиатҳо, кооператсияи истеҳсолӣ, минтақаи савдои озод.*

Дар шароити муосири мураккабу тезутунд гардидани муносибатҳои иқтисодиву сиёсии байни кишварҳои ҷаҳон, бахусус, абарқудрат, таҳримҳо ва бӯҳронҳои глобаливу минтақавии озуқаворӣ ва энергетикӣ, тағйирёбии иқлим ва пайомадҳои он, ҳамзамон, тағйирёбии занҷираи таҳвил ва арзиши иловашуда тақозо менамояд, ки масъалаи инкишофи муносибатҳо дар доираи гурӯҳҳои ҳамгироӣ, муайян намудани афзалиятҳову принсипҳои ҳамкории мутақобилаи кишварҳои иштирокчии ин раванд такмилу аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳамаҷониба баҳо дода, назари нав пешниҳод карда шавад. Инчунин, арзёбии раванди муосири ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар доираи кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф низ, аз ҷиҳати услуб ва маҷмӯи нишондиҳандаҳо фарқкунанда мебошад.

Дар баробари ин, тавре ки узви вобастаи АМИТ, д.и.и., профессор Саидмуродов Л.Ҳ. қайд менамоянд: "ҷаҳони муосири глобалишудаистода ба хавфҳои ҷиддии иқтисодӣ рӯ ба рӯ шудааст, ки на танҳо аз ҷониби назарияи таҳаввулотии умумӣ, балки сиклӣ, низ, шарҳ дода намешавад. Паҳншавии ботадриҷи бемории сироятии коронавируси COVID-19 дар ҷаҳон солҳои 2019-2020 бошад, нишон дод, ки бӯҳронҳо ногоҳ сар зада низ метавонанд, ки аз оқибатҳои техногенӣ ё амали нодурусти идоракунии низоми миллӣ ё глобалӣ вобастагӣ доранд"[4, 141]. Ҳатто мо метавонем илова намоем, ки дар назди чунин ҳолатҳои техногениву бемориҳои сироятӣ сатҳи инкишофи иқтисоди миллӣ ва технология низ, бетаъсир буда метавонад.

Аммо дар шароити муосир тафовути ҷиддии байни иқтисоди кишварҳо дар технологияи истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ, дараҷаи инкишофи инфрасохтори бозор, рақобатпазирии корхонаҳо ва мол ба фаъолияти муътадилу босуботи иқтисодиёти ҷаҳон монеаҳо эҷод мекунад.

Дар кишварҳои мутараққӣ сатҳи рақамикунонии саноат баланд шуда, технологияҳои иттилоотӣ ба соҳаҳои гуногуни истеҳсолот ворид мешаванд ва ин кишварҳо бо истифода аз зеҳни сунъӣ ба сохти нави баъдииндустриалӣ гузашта истодаанд. Дар кишварҳои рӯ ба инкишоф бошад, аз ҷумла, дар кишварҳои дар сохти гузариш қарордошта дар ин самт танҳо қадамҳои аввалин гузошта шуда истодаанд. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар самти иқтисоди рақамӣ ва зеҳни сунъӣ қабул шуда, дар марҳилаи аввали татбиқ қарор доранд, ки дар навбати худ сармояи зиёдро тақозо менамояд [2 ].

Дар натиҷа, масоили пешгирии ҳолатҳои бӯҳронӣ, истифодаи усули зиддибӯҳронӣ, татбиқи сиёсати пешгирикунанда, воситаҳои ҳифзи амнияти иқтисодиву озуқаворӣ ва дигар масъалаҳо то ҳанӯз кушод боқӣ мемонанд [3,4], ки таҳлилу таҳқиқи алоҳидаро тақозо менамояд. Илова ба низомҳои тақсимоти байналмилалии меҳнат ва мубодила, ҳалли масоили амнияти иқтисодӣ, экологӣ ва иттилоотӣ дар кишварҳо мураккаб гардида, зиддиятҳоро ба вуҷуд меорад, ки аз манфиатҳои иқтисодии миллӣ ва байналмилалӣ бармеояд. Чунин ҳифзи манфиатҳо ба мураккабии муносибатҳо дар

доираи гуруҳҳои ҳамгироӣ оварда расонида истодааст, ки ҳатто ба назарияҳои таҳаввулотии мавҷуда ихтилоф аст. Новобаста аз ин, дар як қатор гурӯҳҳои ҳамгироӣ устувории рушд ва ҳамкории мутақобила ба назар мерасад, ки аз дурустии интихоби афзалиятҳо дар муносибат ва самаранокии истифодаи иқтидорҳо вобаста мебошад.

Бояд дар назар дошт, ки масоили амнияти иқтисодӣ дар шароити сар задани бӯҳронҳо боз ҳам афзалияти бештар пайдо намуда, дар доираи иқтисоди миллӣ ба масъалаи рушди устувори иқтисодӣ тавъам мебошад. Таъмини чунин рушд аз рӯи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва аз назарияҳои мавҷуда танҳо бо роҳи васеъ намудани ҳамкории мутақобилаи байни кишварҳои минтақа имконпазир мебошад, ки шакли маъмули он ташаккули гурӯҳи ҳамгироӣ ба ҳисоб меравад.

Муваффақияти раванди ҳамгироӣ дар минтақа ва ноил шудан ба мақсадҳои гузоштаშуда аз сатҳи мувофиқаи манфиатҳои иқтисодиву амниятӣ ва дигар масъалаҳои афзалиятнок вобастагӣ дорад. Бинобар ин, дар доктринаи муосири ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ самтҳои зерин ҳамчун афзалиятҳо пешниҳод карда мешаванд:

- мутобиқ намудани сатҳи рушди инфрасохтори умумии иқтисодиву иҷтимоӣ ва ташаккули низоми якхелаи муносибатҳои бозорӣ;
- ислоҳоти иқтисодӣ ва сохторӣ дар асоси принсипи мутобиқатӣ ба ҳамдигар дар доираи гурӯҳи ҳамгироӣ;
- таҳияи доктринаи умумии рушди иқтисодии гурӯҳи ҳамгироӣ ва стратегияи таъмини он барои давраи дарозмӯҳлат;
- азхудкунии муштараки захираҳои табиӣ ва азнавтақсимкунии оқилонаи маҳсули онҳо;
- равона намудани маблағҳо ва сармоягузориҳо ба минтақаҳое, ки иқтидорҳои мавҷудаи истифоданашудаи зиёд доранд;
- таъмини тавозуни умумии энергетикӣ ва сатҳи нархгузории ягона ба маҳсулоти соҳа;
- ташаккули инфрасохтори нақлиётии рушдёфта ва соддагардонии комили расмиёти амалиёти савдои мутақобила дар доираи иттиҳоди ҳамгироӣ;
- ҷорӣ намудани стандартҳои ягонаи кор, мол ва хизматрасонӣ ва рақобати солим дар доираи сиёсати ягонаи харид;
- низоми умумии бақайдгирии шахси хуқуқӣ дар доираи гурӯҳи ҳамгироӣ ва низоми ягонаи андозбандиву фарҳанги корпоративӣ;
- ташаккули бозори умумии қоғазҳои қимматнок ва суғурта бо истифода аз технологияҳои рақамӣ;
- ташкили низоми пардохти ягона ва татбиқи сиёсати ҳамоҳангшудаи асъорӣ бо назардошти истифодаи мутақобилаи асъорҳои миллӣ дар савдои байниҳамдигарӣ;
- ташаккули бозори умумии меҳнат бе ягон маҳдудият ва иҷозатномадиҳӣ дар доираи созишномаи алоҳидаи иттиҳоди ҳамгироӣ;
- ташаккули низоми ҳамгирошудаи логистикӣ ва занҷираи таҳвил дар доираи иттиҳод.

Афзалиятҳо бо соҳаҳои дар боло қайдшуда маҳдуд намегарданд ва бо рушди технология ва соҳаҳои алоҳида метавонад афзоиш ва ё тағйир ёбанд.

Махсусан, бояд қайд намуд, ки соҳаҳои воқеии иқтисодиёт дар раванди ҳамгироӣ мавқеи муҳим дошта, ташаккули кластерҳои аграрию саноатӣ ва кооператсияи истеҳсолӣ омили муҳими устувории иттиҳодгароӣ баромад менамояд. Дар чунин шароит кишварҳо метавонанд, арзиши баланди иловашударо истеҳсол намуда, навоварию ҷаҳишҳои технологӣ дар доираи он сурат гирад.[1, 89]

Дар гурӯҳҳои ҳамгироӣ, ки дар он афзалияти асосӣ ба савдо ва соддагардонии расмиёти он дода мешавад, на ҳама вақт ба муваффақиятҳо ноил мегарданд, чунки "қувва"-и асосии худро ба ҳалли масъалаҳои бюрократӣ равона менамоянд, сатҳи мувофиқакунии ҳуҷҷатҳои зиёд ба дараҷаи баланд мерасад ва дар бисёр ҳолат низоми идоракуниро коста мегардонад. Дар гурӯҳи ҳамгироишудаистода ин масъалаҳо аз ҷиҳати принсипнокӣ ва консептуалӣ зуд ва бо миқдори ками мувофиқасозӣ бояд ҳалли

худро ёбанд. Консепсияи ягонаи ҳамгироии иқтисодӣ дар бисёр мавридҳо назарияҳои байналмилалигардонии ҳайати хоҷагидориро бо амалия пайваст намекунанд, ки ҷараёни ҳамгироиро тӯлонӣ менамояд.

Дар мисоли воқеӣ, раванди ҳамгироии иқтисодии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо сабаби риоя нашудани принсипҳо ва доктринаҳои дар боло қайдшуда, дуру дароз сурат гирифта истодааст. Дар ин кишварҳо сатҳи рушди инфрасохтор, соҳаҳои истеҳсолӣ ва дигар ҷанбаҳои заминавии инкишофи соҳаҳои воқеии иқтисодӣ аз ҳамдигар фарқ мекунад ва бинобар ин, ба зиддиятҳо ва номувофиқатиҳо дар ҳалли масъалаҳои оддии ташаккули минтақаи савдои озод оварда расонида истодааст.

Истифодаи назарияҳои мавҷудаи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, ки бештар дар заминаи ҳамгироии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва як қатор дигар мисолҳои кишварҳои мутараққӣ асос ёфтаанд, дар раванди ҳамгироии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё ва дигар гурӯҳҳо номувофиқ ҳаст. Ҳатто дар мисоли овардашудаи ҳамгироии иқтисодии минтақавии кишварҳои Иттиҳоди Аврупо масъалаҳо ва муаммоҳои ҳалношуда боқӣ мемонанд, ки барои мисол бо номувозинатии (дисбаланси) байни кишварҳо алоқаманд мебошад [5].

Мисолҳои дар боло овардашуда мавзӯи таҳлили мо дар таҳқиқоти минбаъда мегардад ва мо фарзия менамоем, ки доктринаи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар шароити муосир бояд ба кам кардани зиддиятҳо ва номувозинатӣ дар савдову сармоягузорӣ ва дигар нишондиҳандаҳои муносибатҳои мутақобилаи кишварҳои ҳамгирошудаистода равона гардад. Аз ин рӯ моделҳои як қатор гурӯҳҳои ҳамгироӣ ё шакли иттиҳоди кишварҳо пеш аз ҳама, ба масъалаҳои ҳамгиро намудани сатҳи рушди инфрасохтор ва бахши воқеии иқтисодиёт нигаронида шудааст, ки дар оянда самараи синергетикии худро медиҳад.

Бинобар ин, таҳлили амалияи ҳамгироӣ дар мисоли як қатор минтақаҳои ҷаҳонӣ ва муқаррароту хулосаҳои қаблан мураттабшудаи назарияи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ба мо имкон медиҳад, ки назари консептуалии мавқеъ ва нақши ҳамгироии иқтисодӣ дар ҷаҳони муосир муайян карда шавад.

Ба фикри мо дар таҳқиқоти минбаъда ба таҳлили самтҳои зерин диққати бештар бояд дод:

1. Ташаккули занҷираи арзиши иловашуда дар доираи гурӯҳи ҳамгирошудаистода ва муътадилии нархҳои дохилӣ.

2. Махсусгардонӣ ва кооператсияи истеҳсолӣ бо ҳисоби нишондиҳандаҳои он.

3. Таъсири сармоягузориҳо дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ба нишондиҳандаҳои маҷмӯӣ ва тақсимоти минтақавии меҳнат.

4. Тавозуни савдои мутақобила ва дигар нишондиҳандаҳои бо он алоқаманд.

5. Мавқеи гурӯҳи ҳамгироии иқтисодӣ дар таъсир ба нишондиҳандаҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва бизнеси глобалӣ.

Масъалаҳои консептуалӣ дар раванди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ муҳим дар ҳама маврид манфиатҳои миллӣ боқӣ мемонад. Зарурати ҳифзи манфиатҳо аз тавсифи миллияти давлат ва соҳибистиқлолии он бармеояд, ки ба раванди ҳамгироӣ таъсири бевосита дорад. Дар ин ҷо манфиатҳои миллӣ ба манфиатҳои минтақагароӣ мухолиф омада метавонад. Ин бори дигар исбот менамояд, ки назари консептуалӣ ба раванди ҳамгироӣ дар шароити муосир бояд аз нав дида баромада шавад. Мақсади асосӣ мувофиқасозии манфиатҳо ва ташаккули манфиати умум ба ҳисоб меравад. Масъала дар он аст, ки дар назарияҳо сухан дар бораи фазои "умумӣ" дар доираи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ меравад. Аммо дар бисёр мавридҳо мафҳуми фазои "ягона" бештар ба бархурди манфиатҳо оварда мерасонад, ки раванди ҳамгироиро мушкил ва мураккаб мегардонад. Аз ин рӯ, дар доктринаи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ истифодаи категорияи мувофиқ ҳангоми таҳияи консепсияи он муҳим арзёбӣ мегардад, ки заминаи мусоиди ин равандро ба вуҷуд меоварад.

Аз як тараф, ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ аз рӯи назарияи классикӣ ба бартариҳои иқтисоди кушод асос ёфта, тақсимоти самараноки захираҳо дар заминаи рақобати солим ба роҳ монда мешавад. Танҳо кушода будани сарҳадҳо ва ҳаракати

бемамонеаи омилҳои истеҳсолот ба рушди устувори минтақаи ҳамгирошаванда оварда мерасонад.

Аз тарафи дигар, ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, ин бархурди манифтаҳои кишварҳои ҳамгирошавандаро новобаста аз он, ки кадом кишвар бартарӣ дорад, тезутунд мегардонад. Бахусус, барои кишварҳое, ки аз рушди иқтисодӣ ақиб мондаанд, муқовимат мекунанд, зеро он боиси маҳдуд шудани соҳибихтиёрии давлат мегардад. Худи кишварҳои нисбатан бартаридошта (яъне аз ҷиҳати иқтидори иқтисодиву сатҳи инкишоф) мақсад доранд, ки бо истифода аз моҳияти умумии паҳншудаи доктринаҳо ва консепсияи қабулнамудаи ҳамгирой манфиатҳои худро дар доираи кишварҳои нисбатан сусттараққикарда истифода баранд. Дар ин ҷо, дар замони муосир танҳо трансфери маблағҳои яккарата барои дастгирии давлатҳои сустараққикарда нақши асосӣ бозида наметавонад. Зарур аст, ки роҳи ҳалли масъала бо истифода аз назари муосир дида баромада шавад.

Рафъи зиддиятҳои ҳамгирой танҳо дар сурате имконпазир аст, ки шаклу усулҳои ҳамкории байналмилалӣ ва дараҷаи ҳамоҳангии манфиатҳои иқтисодии миллӣ ва минтақавӣ ба ҳалли масъалаҳои сармоягузорӣ, ҷорисозии техника ва технологияи муосир, таъсиси ҷойҳои корӣ, ташаккули инфрасохтори муосир ва умуман ташаккули занҷираи арзиши иловашуда ва истеҳсолоти ба навоварӣ асосёфта равона мегардад. Бояд ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳамчун яке аз воситаҳои асосии ҳалли зиддиятҳои ҷаҳонишавӣ инкишоф ёбад, яъне кишварҳои ҳамгирошаванда тавонанд бо ҳамроҳшавӣ ба ин раванд сатҳи рақобатпазирии худро баланд бардоранд ва масъалаҳои муқовимат ба бӯҳронҳои техногениву иқтисодӣ ва иҷтимоиро якҷо ҳал намоянд.

Дар умум, ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ин раванди ташаккули ихтиёрии (шартномавии) байнидавлатии кишварҳои сохибихтиёр мебошад, ки захирахои худро барои ҳалли якҷояи проблемаҳои глобалӣ муттаҳид менамоянд. Дар замони муосир нигаҳдории соҳибихтиёрии давлатӣ яке аз шартҳои ҳамгироии иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ ҳамчун ниҳодест, ки дар асоси инкишофи муносибатҳои молию пулӣ ва тарҳрезии барномаҳо ё стратегияҳои минтақавӣ ҳалли вазифаҳои муштараки стратегиро таъмин менамояд. Дар ин ҷода ташкили таҳқиқоти муштарак дар самти таҳияи дурнамои рушди минтақа, муайянсозии ҳадафҳои умумистратегӣ ва ташаккули консепсияи умумии инкишофи ҳамгирой муҳим азёбӣ мегардад. Бинобар ин, ташкили ниҳоди умумии таҳқиқотӣ барои гузаронидани чунин амал ва таҳияи ҳуҷҷати консептуалии ягона ва доктринаи умумӣ барои гурӯҳи ҳамгирошаванда манфиатовар буда, танҳо он метавонад манфиатҳои умумиро дар доираи манфиатҳои миллии ҷудогона ҷудо намояд. Мо аз ақидаи ҳамгироии иқтисодӣ, ки ба савдо асос меёбад, ба ақидаи рушди ҳамгироии иқтисодӣ дар бахши воқеии иқтисод бояд гузарем, ки ба сармоягузорӣ, навоварӣ, кооператсияи истеҳсолӣ, рақобатпазирӣ асос меёбад.

Албатта масъалаҳо бо ин маҳдуд намешаванд, чунки дар асри 21 масъалаҳои рақамикунонӣ, рушди иқтисоди "сабз", пешгирии ҳолатҳои бӯҳронӣ, мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва дигарҳо афзалият доранд ва дар ҳамкории муштараки минтақавӣ метавон ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро дар ин самт барои дурнамои дарозмӯҳлат таҳия ва татбиқ намуд.

**Адабиёт:**

*1. Ашхотов А.М., Османова В.П. Креативная экономика: интеграция индустриального и постиндустриального секторов // Проблемы экономики и юридической практики.- 2013. - №4. – С.89-93.*

*2. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. – Душанбе, 2016. – 87с.*

*3. Саидмуродов Л.Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики. - Душанбе: Дониш, 2021. – 414 стр.*

*4. Саидмуродов Л.Х. Уроки мировых кризисов и принцип превентивности в обеспечении экономической безопасности страны// Саидмуродов Л.Х./ Международные отношения и безопасность. - 2022.- № 1 (1).- С. 141-154.*

*5. Солеҳзода А., Гулмамадов А. Институциональные основы активизации внешнеэкономической деятельности и национальные экономические интересы/Материалы научно-теор. респ. конф. на тему «Механизмы использования финансово - экономических рычагов обеспечения экономической безопасности в условиях глобализации». Душанбе, 2018. – С.216-221.*

**Джуразода К.К.**

## ДОКТРИНА РЕГИОНАЛЬНОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Институт экономики и демографии**
**Национальной академии наук Таджикистана**

*В статье исследуются теоретические вопросы экономической интеграции и их совместимости в условиях глобальных и региональных кризисов и сложности отношений между странами, а также санкций. Проанализировано, что теории экономической интеграции могут быть отличительными для развитых и развивающихся стран, и следует разработать новую доктрину экономической интеграции, а также свести к низкому уровню конфликт интересов в этом процессе. Предлагается, чтобы отдельный институт проводил исследования в направлении поиска общих интересов в рамках интеграционной группы.*

***Ключевые слова:*** *экономическая интеграция, экономическая доктрина и концепция, интересы, производственная кооперация, зона свободной торговли.*

**Jurazoda K.K.**

## DOCTRINE OF REGIONAL ECONOMIC COOPERATION IN MODERN CONDITIONS

**Institute of Economics and Demography**
**of the National Academy of Sciences of Tajikistan**

*The article explores theoretical issues of economic integration and their compatibility in the context of global and regional crises and the complexity of relations between countries, as well as sanctions. It has been analyzed that theories of economic integration can be distinctive for developed and developing countries, and a new doctrine of economic integration should be developed, as well as reduced to a low level of conflict of interest in this process. It is proposed that a separate institute conduct research in the direction of finding common interests within the integration group.*

***Keywords:*** *economic integration, economic doctrine and concept, interests, industrial cooperation, free trade zone.*

***Сведения об авторе:***

***Джуразода Кабир Каримджон****, соискатель Института экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистана.*

УДК 336.02 (575.3)

Бобоев Н.М.,
Қурбонова Ф.А.

# ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ СЕЛАҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР НИЗОМИ БОНКИИ ИСЛОМӢ

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

*Мақолаи мазкур ба таҳлили марҳилаҳои ташаккули занҷирҳои молиявии бонкҳои исломӣ аз рӯи принсипҳои логистикаи молиявӣ бахшида шудааст. Муаллифон рушди низоми бонкии исломиро ба се марҳила ҷудо намуда, бонкҳои исломиро тавсиф ва гурӯҳбандӣ кардаанд, ки дар омӯзиши фаъолияти онҳо хеле муҳим аст. Дар мақола ифодаҳои математикии селаҳои молиявӣ дар амалияи бонкдории исломӣ оварда шудаанд. Муаллифон дар асоси натиҷаҳои таҳлили ҳаматарафа тавсияҳои амалӣ пешниҳод менамоянд, ки аҳамият ва арзиши илмӣ доранд.*

***<u>Калидвожаҳо:</u>*** *низоми бонкии исломӣ, принсипҳои маблағгузориҳои исломӣ, бонкҳои анъанавӣ, селаҳои молиявӣ, хароҷотҳои умумӣ, марҳилаҳои рушди бонкдории исломӣ.*

Низоми иқтисоди байналмилалӣ ва муносибатҳои молиявию пулӣ дар масири ҷаҳонишавӣ қарор дошта, бо истифода ва татбиқи усулҳои илмӣ зина ба зина мунтазам ташаккул ва такмил ёфта истодааст, ки дар ин самт ба низомҳо ва ташкилотҳои молиявӣ диққати махсус дода мешавад. Маҳз тавассути онҳо бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллии кишварҳо маблағгузорӣ карда шуда, ба сатҳ ва афзоиши солонаи иқтисодиёт саҳм мегузоранд, ки дар ташаккули ММД нақши муассир дорад. Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар самти мазкур такмили низомҳои молиявии кишвар бо истифода аз усулҳои муосир ба ҳисоб меравад, Яке аз онҳо татбиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ дар ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ мебошад. Ҳукумати кишвар, дар партави сиёсати ояндабинонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2014, ба ҷорӣ намудани принсипҳои бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Дар ин самт барои бунёди заминаҳои фаъолият ва татбиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ, дар кишвари соҳибистиқлоламон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" қабул карда шуд, ки дар асоси он шахсони ҳуқуқӣ, имконият пайдо намуданд, ки ба фаъолияти бонкдории исломӣ оғоз кунанд ва ин марҳилаи аввали муносибатҳои бонкдории исломӣ ба ҳисоб меравад.

Марҳилаи дуюми рушди муносибатҳои бонкдории исломӣ аз омӯзонидани мутахассисон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) дар давлатҳои хориҷӣ, хусусан давлати Малайзия ба ҳисоб меравад, зеро барои ташкили пурраи фаъолияти бонкдории исломӣ мутахассисон зурур буданд. Бо мақсади баланд бардоштани иқтидори касбии кормандони низоми бонкӣ дар соҳаи бонкдории исломӣ, Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки Осиёии Рушд (бо ҷалби ширкати консалтингии IFAAS) семинару вебинарҳо ташкил намуд. Дар доираи тренинг зиёда аз 2,5 ҳазор нафар мутахассисон аз бахшҳои бонкӣ ва суғурта фаро гирифта шуда, ба зиёда аз 1 ҳазор нафар иштирокчиёни фаъол сертификатҳои ширкати консалтингии байналмилалии IFAAS супорида шуданд.

Дар панҷ соли охир Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади фароҳам овардани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои назорат ва танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ беш аз 25 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул кардааст.

Бонки миллии Тоҷикистон инчунин дар таҳияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, аз ҷумла дар соҳаи андозбандии амалиёти бонкии исломӣ бевосита фаъолона иштирок намуд. Марҳилаи сеюм, аз соли 2019 оғоз меёбад, ки ба ташкили аввалин бонки исломии инноватсионӣ дар кишвар - Тавҳидбонк ба ҳисоб меравад, ки дари худро барои муштариён боз намуда, хизматрасониҳои бонкиро бо истифода аз принсипҳои бонкдории исломӣ ба роҳ монд. Тибқи маълумоти сомонаи БМТ, соли 2021 дар низоми бонкии кишвар 1 бонки исломӣ ва 2 равзанаи бонкдории исломӣ амал мекунанд. Шумораи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ, ки тибқи шартҳои бонкдории исломӣ фаъолият

мекунанд, дар охири соли 2021 ба 63 адад (5 филиал ва 58 маркази хизматрасонии бонкӣ) баробар гардид. Дар ин сол дороиҳои умумии ташкилотҳои қарзии исломӣ ба 207,1 миллион сомонӣ, бақияи умумии сандуқи маблағгузорӣ 36,9 миллион сомонӣ, уҳдадориҳо 79,0 миллион сомонӣ, пасандозҳо 61,3 миллион сомонӣ ва сармояи тавозунӣ 128,0 млн. сомониро ташкил дод ва ҳамаи ин нишондиҳандаҳо дар соли 2022 тамоюли афзоиш доранд. Дар соли 2021, натиҷаи фаъолияти молиявии ташкилотҳои молиявии қарзии исломӣ 4,3 миллион сомонӣ фоида ба даст овард, ки нисбат ба охири соли 2020 21,6 фоиз зиёд мебошад [6].

Маблағгузориҳои исломӣ дар асоси қонуниятҳои шариат ба роҳ монда шуда, дар асоси ду принсипи бундёдии бонкдорӣ тақсимоти даромад ва зарар, манъи ҳамагуна фоизҳои зимни амалиётҳои қарзию сармоягузориҳо фаъолият мекунанд. [1]. Яъне, фаъолияти бонкдории исломӣ дар асосӣ тақсимоти даромад ва зарар ба роҳ монда мешавад. Лоиҳаи сармоягузорӣ, аз тарафи бонк маблағгузорӣ карда мешавад, ки 60 % даромадро бонк ва 40% -и боқимондаро муштарӣ мегирад.

Агар лоиҳаи сармоягузорӣ фаъолияти молиявии худро ба зарар ҷамъбаст намояд, он гоҳ принсипи дуюми бонкдории исломӣ татбиқ мегардад. Яъне, 60% зарар аз тарафи бонк ва 40%-и он бошад аз ҷониби муштарӣ барқарор карда мешавад, ки нисбат ба низоми бонкдории анъанавӣ устувории худро дар арсаи байналмилалӣ собит намудааст.

Дар арсаи ҷаҳонӣ, зиёда аз 520 бонки исломӣ ва 1700 равзанаи бонкдории исломӣ дар асоси принсипҳои маблағгузориҳои исломӣ фаъолияти босамар доранд. Соли 2019, дороиҳои бонкҳои исломӣ дар арсаи ҷаҳони ба 2,8 трлн доллари ИМА ташкил намуд. Мутахассисон бар он ақида ҳастанд, ки дороиҳои ингуна бонкҳо дар соли 2024 ба 3,7 трлн доллар мерасад, ки ин вобаста ба рушд ва инкишофи иқтисодиёти давлатҳои мусалмонӣ, мебошад [2].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бозори бонкии исломӣ рушди бесобиқа дошта, хусусан ингуна ташкилотҳои қарзӣ дар давлатҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон, Судан, Ҷумҳурии исломии Покистон, ИМА, Малайзия, Қувейт ва дигар давлатҳои исломию арабӣ фаъолият доранд, ки аз низоми бонкдории анъанавӣ бо хислатҳои дар ҷадвали зер овардашуда тафовут доранд [3,4].

**Ҷадвали 1.**

**Хусусиятҳои фарққунандаи бонкҳои исломӣ аз бонкҳои анъанавӣ**

| Хусусият | Бонкдории исломӣ | Бонкҳои анъанавӣ |
|---|---|---|
| **Пардохтҳои кафолатнок барои пасандозҳо** | Мавҷуд мебошад | Мавҷуд мебошад |
| **Меъёри фоиз барои пасандозҳо** | Номаълум мебошанд | Маълум ва кафолат дода мешавад |
| **Мақсади гирифтани маблағ** | Маблағ танҳо дар асоси лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва ба мақсадҳои сармоягузорӣ дода мешавад | Ба мақсадҳои гуногун, ба ғайр аз инвеститсиҳо |
| **Механизми муайян намудани меъёри фоизӣ барои пасандозҳо** | Дар асоси даромаднокии бонк ва фоидаовар будани лоиҳаи инвеститсионӣ | Аз даромади бонк вобаста намебошад |
| **Иштироки пасандозчиён дар даромад ва зиёни бонк** | Мавҷуд мебошад | Мавҷуд нест |
| **Шартҳои пешниҳоди маблағ** | Маблағгузориҳое, ки шариати ислом иҷозат медиҳад | Ба намудҳои гуногуни тиҷорат пешниҳод карда мешаванд |

*Сарчашма: таҳия муаллифон дар асоси омӯзиши адабиётҳои мавҷудаи соҳа*

Таҳлили ҷадвали 1, нишон медиҳад, ки бонкҳои анъанавӣ ба тамоми намудҳои фаъолиятҳои тиҷоратӣ маблағҳои қарзии худро пешниҳод намуда, ба мақсади гирифтани фоида онҳоро фоизбандӣ мекунанд. Аммо, бонкҳои исломӣ на ба ҳама гуна фаъолияти тиҷоратӣ қарз медиҳанд. Ҳатто маблағгузориҳои онҳо бефоиз буда, танҳо дар даромад ва зиёни муштарии худ иштирок мекунанд.




**Расми 1. Таснифот ва гурӯҳбандии хизматрасониҳои бонки исломӣ**

Барои бештар таҳлил намудани фаъолияти бонкҳои исломӣ ва ташаккули селаҳои молиявӣ дар низоми мазкур сохтор ва таснифоти хизматрасониҳои онҳоро аз руи аҳдҳои басташуда дар расми якум ба чунин тарз пешниҳод менамоем.

Расми 1 таснифотии фаъолияти бонкҳои исломӣ нишон медиҳад, ки хизматрасониҳои онҳо асосан ба се гурӯҳи аҳдҳои (шартномаҳо) исломӣ ҷудо мешаванд, ки ин аҳдҳо аз рӯи шарти шарикӣ, тиҷоратӣ ва иҷоравӣ иборат мебошанд. Яке аз мақсадҳои асосии таҳлили мазкур, инкишоф ё ташаккулёбии селаҳои молиявии бонкҳои исломӣ маҳсуб мешавад. Селаҳои молиявӣ дар ҳамагуна низомҳои иқтисодӣ, дар ду ҳолат- зимни ҷалб ва истифода ташаккул меёбанд. Зимни истифодаи селаҳои молиявии ҷалбшуда зиёд мешавад. Акнун, барои таҳлили ташаккули селаҳои молиявии бонкҳои исломӣ, мо яке аз амалиётҳои онҳоро интихоб намуда, раванди пешниҳоди онро ба муштари таҳлили логистӣ менамоем, ин хизматрасонии муробаҳа мебошад.




**Расми 2. Механизми татбиқи муробаҳа**

**Муробаҳа** – аҳдест, ки мутобиқи он бонки исломӣ бо дархости муштарӣ молеро аз фурӯшанда харидорӣ намуда, бо иловаи изофапулӣ ба муштарӣ мефурӯшад. Муштарӣ имкон дорад, ки арзиши молро дар мӯҳлатҳои баъдӣ, давра ба давра пардохт намояд. Дар аҳди Муробаҳа нархи хариди мол, хароҷотҳои мустақим ва андозаи изофапулӣ ба муштарӣ ҳатман нишон дода мешавад. Мақсади аҳди Муробаҳа аз он иборат аст, ки дар вақти

истифода ҳамчун маблағгузорӣ, он ҳамеша дар асоси пардохти давра ба давра сурат мегирад. Бонк молро бо пули нақд харидорӣ намуда онро ба муштарӣ дар асоси пардохти давра ба давра бо назардошти изофапулӣ ва мӯҳлати муайян мефурӯшад. Механизми истифодаи муробаҳа дар расми 2, оварда шудааст.

Аз расми 2 бармеояд, ки пардохти арзиши мол аз рӯи аҳди муробаҳа метавонад бо пардохтҳои мунтазам ба таври кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат суръат гирад. Бонк ҳангоми фурӯши мол ба муштарӣ бевосита бояд соҳибмулки он бошад. Бонк ӯҳдадор аст ҳама хароҷотҳое, ки бевосита барои харидорӣ намудани мол ва инчунин андозаи изофапулиро ба муштарӣ ба таври муфассал ошкор кунад.

**Изофапулӣ -** подошпулие, ки бонк аз аҳди Муробаҳа ба даст меорад; Изофапулӣ чунин ифода мегардад:

- маблағи муайяне, ки арзиши молро зиёд менамояд;
- ҳамчун фоизи муайян аз арзиши аслии мол;
- ҳама хароҷоти Бонк ба арзиши аслии мол илова карда шуда аз рӯи он изофапулӣ ҳисоб карда мешавад.

Бонк наметавонад ба нархи фурӯши мол он хароҷотҳои ғайримустақиме, ки барои шахсони сеюм кардааст, илова кунад. Чунончи бонк наметавонад хароҷоти музди маоши кормандонашро ба нархи фурӯш илова кунад.

**Қоидаҳои асосии амалиёти Муробаҳа:**

- объекти маблағгузорӣ бояд дар вақти бастани шартнома вуҷуд дошта бошад;
- объекти маблағгузорӣ бояд моликияти фурӯшанда бошад;
- объекти маблағгузорӣ бояд ҷисман ё ғайримустақим дар ихтиёри фурӯшанда бошад;
- амалиёти фурӯш бояд дар ҳол сурат гирад ва ба ягон ҳолат вобаста набошад;
- объекти маблағгузорӣ бояд арзиши ҳақиқӣ дошта бошад;
- объекти маблағгузорӣ бояд тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ манъ нашуда бошад;
- объекти маблағгузорӣ бояд барои харидор аниқ ва маълум бошад;
- мӯҳлати дастрас намудани моли харидашуда бояд муайян бошад ва ба ягон ҳолат бояд вобастагӣ надошта бошад;
- объекти маблағгузорӣ бояд нархи муайян дошта бошад;
- амалиёти фурӯш бояд бешартгузорӣ анҷом дода шавад.

Агар дар шартнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, ҳуқуқи моликият ба муштарӣ пас аз дастрас намудани мол мегузарад. Маблағгузорӣ дар доираи ин аҳд бо шарти таҳлили ҳатмии ҳолати молиявии муштарӣ ва инчунин муайян кардани манбаи пардохти он сурат мегирад. Сарчашмаҳои пардохт бояд аз даромади он фаъолияте бошанд, ки аз нигоҳи шариат мамнӯъ набошад.

**Таъминнокӣ (гарав) дар шартномаи Муробаҳа** барои кафолати ӯҳдадориҳои муштарӣ (харидорӣ намудани мол) - шартномаи гарав (маблағҳои пулӣ ё ғайрипулӣ) баста мешавад. Дар ҳолати иҷро нагардидани ӯҳдадории муштарӣ мол аз ҷониби бонк ба шахсони сеюм фурӯхта мешавад. Агар нархи фурӯши мол аз нархи аслие, ки бонк харидорӣ намудааст, кам бошад, маблағи боқимонда аз ҳисоби гарав пардохта мешавад. Мисол: Агар бонк автомобилро аз рӯи аҳди Муробаҳа ба маблағи 50 000 сомонӣ харида бошаду он бо назардошти хароҷот ва изофапулӣ 60 000 сомонӣ фурӯхта шуда бошад дар ҳолати иҷро накардани ӯҳдадорӣ аз ҷониби мизоҷ Бонк онро бо арзиши 45 000 сомонӣ ба шахси сеюм фурӯшад онгоҳ маблағи боқимонда аз ҳисоби гарави муштарӣ руёнида мешавад. Маблағҳои пулие, ки ҳамчун гарав гузошта мешавад, Бонк наметавонад бе розоияти муштарӣ онро барои маблағгузорӣ истифода намояд. Бо дархости муштарӣ бонк метавонад маблағи ба гарав гузошташударо ба сифати пардохти ӯҳдадории муштарӣ аз рӯи шартномаи Муробаҳа, истифода намояд. Ҳамаи хавфҳои вобаста ба таҳвил ва нигоҳдории мол бар ӯҳдаи Бонк буда ва наметавонад аз ҳисоби гарав рӯёнида шавад.

Барои таҳлили селаҳои молиявие, ки зимни хизматрасонии мазкур ташаккул меёбанд, бояд марҳилаҳои ин хизматрасониро пешниҳод намоем. Марҳилаҳои иҷрои аҳди муробаҳа дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.**

**Марҳилаҳои амалӣ намудани хизматрасонии Муробаҳа**

| Марҳилаҳо | Самти марҳилаҳо (корҳое, ки дар ин марҳила анҷом меёбанд) |
|---|---|
| Марҳилаи якум | **Дархост**<br>– Қабули дархост;<br>– Музокироти ибтидоии бонк ва муштарӣ оиди номгӯи мол, маблағ, мӯҳлат, манбаи пардохт ва дигар шартҳо;<br>– Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо;<br>– Таҳлили пардохтпазирии муштарӣ;<br>– Таҳлили гарав. |
| Марҳилаи дуюм | **Қабули қарор**<br>– Тартиби хулосаи хаттӣ баъди гузаронидани таҳлилҳо;<br>– Баррасӣ дар Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ (КХМИ);<br>– Қабули қарор аз ҷониби КХМИ (мусбӣ ё манфӣ). |
| Марҳилаи сеюм | **Хариди мол аз ҷониби бонк**<br>– Шартнома байни бонк ва фурӯшанда ва ё бонк ва миёнарав (агент);<br>– Дар сурати вуҷуд доштани миёнарав байни ӯ ва бонк шартномаи гарав баста мешавад;<br>– Бастани шартномаи хариду фурӯш байни бонк ва фурӯшанда ва ё байни миёнарави бонк ва фурӯшандаи мол;<br>– Пардохти маблағ аз ҷониби бонк (нақдӣ ё ғайринақдӣ);<br>– Гузаштани ҳуқуқи моликият ба бонк. |
| Марҳилаи чорум | **Бастани шартнома**<br>– Таҳияи шартномаи Муробаҳа байни бонк ва муштарӣ бо инъикоси нархи харид, маблағи изофапулӣ, мӯҳлат ва тартиби пардохт;<br>– Бастани шартномаи Муробаҳа ва шартномаи гарав;<br>– Эътироф намудани маблағгузорӣ аз рӯи шартномаи Муробаҳа |
| Марҳилаи панҷум (ниҳоӣ) | **Пардохти ӯҳдадорӣ аз тарафи мизоҷ**<br>– Агар муштарӣ арзиши молро пурра пардохт намояд, бонк маблағро барои пардохти ӯҳдадории мизоҷ равона карда, даромадро эътироф менамояд;<br>– Агар тибқи нақша ҳар моҳ пардохт намояд, бонк маблағро ҳамчун даромади ҳармоҳа эътироф менамояд. |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиётҳои марбута*

Барои таҳлили ҷадвали 2 аҳди муробаҳаро бо таври схемавӣ пешниҳод намудан лозим мебошад. Дар расми минбаъда, аҳдномаи муробаҳа нишон дода мешавад.

Зимни таҳлили расми 2 усулҳои таҳлили логистикаи молиявӣ амалӣ карда мешавад. Дар расми 3 маълум аст, ки дар марҳилаҳои дуюм, сеюм ва чорум ташаккули селаҳои молиявӣ намоён мебошанд, ки бо ҳарфи (**F**), лотинӣ ишора гардидаанд. Дар низоми логистикӣ, села ҳамчун ҳакарати захираҳои лозимаро дар воҳиди вақт ва фазо ифода мекунад: $\vec{P} = f(t, z)$, яъне **t** – воҳиди вақт, **z** – нишондиҳанда фазоӣ. Бо дарназардошт ин, села ин функсия мебошад, ки дорои ду баста мебошад: **скалярӣ** $P_0$ – намуди мушахаси

захираҳои лозима ва **векторӣ** $\vec{P}_0(t,z)$ – ҳаракати села дар фазои муътадил. Инак села, ин: $\vec{P} = P_0 \cdot \vec{P}_0(t,z)$ (1),




**Расми 3. Раванди ташаккули селаҳои молиявии бонкҳои исломӣ**

Формулаи (1) фодакунандаи таркиби оддии села мебошад. Ҳар як села дорои таркиби хоси оддӣ мебошад, мисол: $\vec{M} = M_0 \cdot \vec{M}_0; \vec{F} = F_0 \cdot \vec{F}_0$; $\vec{I} = I_0 \cdot \vec{I}_0$; $\vec{N} = N_0 \cdot \vec{N}_0$ ва ғ.

Дар маҷмӯъ, барои ташкил ва табдили села, иштироки дигар намуди селаҳо ҳатмӣ мебошанд, ки нақши калидиро мебозанд, онҳоро **селаҳои таъминкунанда** меноманд. Аз ин бармеояд, ки барои ташкил ва табдили селаи молиявӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ намуди таъминкунандаҳои молиявӣ ($\vec{F}$), инттилоотӣ ($\vec{I}$), энергетикӣ ($\vec{E}$), захираҳои меҳнатӣ ($\vec{W}$), инновационнӣ ($\vec{N}$) ва хизматрасониҳо ($\vec{U}$) лозиманд. Наросоии яке аз ин селаҳои таъминкунанда метавонад раванди ташкил ва табдили селаи молиявиро ба захира гузорад, яъне ҳаракат дар як фазои муътадил вуҷуд надорад ва ҳаракат танҳо дар фосилаи вақт мушоҳида мешавад. Чунин ҳолат сабаби тағйири миқдор (адад, шумора) ва сифати села мешавад, ки натиҷаи назаррас надорад.

Таҳлили логистикии раванди ташкили селаи молиявии (минбаъд - СМ) бонкҳои тиҷоратӣ гузаронида шудааст, ки дар натиҷа муодилаи математики хулосабардорӣ шудааст, ки ифодакунандаи хароҷотҳои раванди мазкур мебошад:

$F_{q0} = (F_{02} + M_F + I_F + E_F + T_F + W_F + U_F)$ (2) (дар мақолаи [5]) ,

Яъне: $F_{02}$ – маҷмӯи муайяни воситаҳои молиявӣ (дар як воҳиди вақт); $I_F$ – хароҷотҳое, ки барои ба даст овардани инттилоот сарф карда мешаванд; $M_F$ – хароҷотҳои молие, ки дар раванди ташкили СМ лозиманд; $E_F$ – хароҷотҳои энергетикие, ки дар раванди ташкили СМ лозиманд; $T_F$ – хароҷотҳои нақлиётие, ки дар раванди ташкили СМ лозиманд, $W_F$ – хароҷотҳое,ки барои захираҳои меҳнатӣ сарф карда мешаванд; $U_F$ – хароҷотҳо барои хизматрасониҳои сервисӣ; $F_{q0}$ – хароҷотҳои кулли раванди ташкили селаи молиявӣ.

Таҳлили муодилаи (2) имконияти васеътар медиҳад, яъне таҳлили таркиби хароҷотҳои кули ҷараёни ташкил ва табдили селаи молиявӣ. Дар ҷараёни гузаронидани чунин таҳлил ба инобат гирифта мешавад. Сарчашмаҳои хароҷотҳое, ки ба селаҳои таъминкнанда вобастагӣ доранд ($\vec{Q}_F$). Инак:

$$\vec{Q}_F = \vec{F} + \vec{M}_F + \vec{I}_F + \vec{E}_F + \vec{T}_F + \vec{W}_F + \vec{U}_F \quad (3),$$

Барои нишондодҳои зерин $\vec{F}$, $\vec{M}_F$ $\vec{I}_F$, $\vec{E}_F$, $\vec{W}_F$, $\vec{U}_F$, таркиби онҳо навишта мешавад, ки дар таҳқиқотҳо [5] омадааст, ки ҳамаи онҳо таъминкунанда ба СМ мебошанд, пас аз қафс берун оварда, бо векторҳои якхела гурӯҳбандӣ карда, вектори умумӣ ($\vec{F}_Q F_Q$) ишора намуда, муодилаи математикии зерин хулоса бардошта мешавад, ки ифодакунандаи таркиби хароҷотҳои кул мебошад:

$$F_Q = F_{\Sigma F} + M_{\Sigma F} + I_{\Sigma F} + E_{\Sigma F} + W_{\Sigma F} + T_{\Sigma F} + U_{\Sigma F} \quad (4).$$

яъне: $F_{\Sigma F}$ – суммаи кули хароҷотҳои раванди ташкили СМ; $M_{\Sigma F}$ – суммаи кули хароҷатҳои молии раванди ташкили СМ; $I_{\Sigma F}$ – суммаи кули хароҷатҳои иттилоотӣ дар бораи СМ; $E_{\Sigma F}$ – суммаи кули хароҷатҳои энергетикӣ; $W_{\Sigma F}$ – суммаи кули хароҷотҳо барои захираҳои меҳнатӣ; $T_{\Sigma F}$ – суммаи кули хароҷотҳо оиди воситаҳои нақлиёт; $U_{\Sigma F}$ – суммаи кули хизматрасониҳои сервисӣ. $F_Q$ – хароҷотҳои кули ҷараёни ташкили селаи молиявӣ бо дарназардошти хароҷотҳои селаҳои таъминкунанда.

Барои истифодаи муодилаҳои математикӣ мисоли мукаммал меорем. Яъне, бонки исломии “А” барои ташкили ҷараёни селаи молиявӣ хароҷотҳои зеринро масраф мекунад:

$F_{\Sigma F}$ – 450 в.ш; $M_{\Sigma F}$ –350 в.ш; $I_{\Sigma F}$ – 700 в.ш; $E_{\Sigma F}$ – 550 в.ш; $W_{\Sigma F}$ – 250 в.ш; $T_{\Sigma F}$ – 100 в.ш; $U_{\Sigma F}$ – 50 в.ш.

Нишондодҳои додашуда тибқи формулаи (4) ҳисоб карда мешаванд, ки ифодакунандаи хароҷотҳои кул мебошад.

$$F_Q = 450+350+700+550+250+100+50=2450 \text{ в.ш.},$$

Яъне, бо ҳисоби миёна барои ташкили раванди селаи молиявӣ дар бонки исломии “А” 2450 в.ш. хароҷотҳои кул ташкил медиҳад.

Дар асоси таҳлили гузаронидашуда, хулоса ва тавсияҳои зерин пешниҳод намудан ба маврид мебошанд:

1.Татбиқи ин модел самаранокии раванди мудирияти ташкил ва табдили селаи молиявии бонкҳои исломиро баланд мебардорад, зеро тавассути он таркиби хароҷотҳо омӯхта мешаванд, ки яке аз бахшҳои муҳими фаъолияти бонкӣ мебошад.

2.Таснифот ва гурӯҳбандии аҳдҳои бонки исломӣ имконият медиҳанд, ки фаъолияти он ба таври васеъ омӯхта шуда, селаҳои молиявие, ки ба амал меоянд, сарчашмаҳояшон амиқ карда шаванд.

3.Рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 3 марҳила ҷудо карда шуд, ки хусусиятҳои ҳар як марҳила ба таври алоҳида омӯхта шудааст.

4.Дар расми 3 амсилаи раванди ташаккули селаҳои молиявии бонкҳои исломӣ пешниҳод гардидааст, ки татбиқи он дар фаъолияти бонкҳои исломӣ ва дигар муассисаҳои молиявӣ-қарзии кишвар имконият медиҳад, ки мудирият ва назорати онҳоро ба роҳ монанд.

5.Ифодаҳои математикӣ натиҷагирӣ карда шудаанд, ки баёнгари хароҷотҳои умумии раванди ташаккули селаҳои молиявии бонкҳои исломӣ мебошанд. Ифодаҳои мазкури математикӣ, имконият медиҳанд, ки хароҷотҳо дар сатҳи зарури идора ва танзим карда шаванд.

**Адабиёт:**

1.Беккин Р.И., Вахитов Р.Р., Гафурова Г.Т. и др. Исламские финансово-кредитные институты в экономике зарубежных стран // под ред. В.Г. Тимирясова. Изд-во «Познание» Института экономики, управления и права, 2017. С. 57–63.

2.Гамбеева Ю.Н., Медведева С.Н. Исламские финансы: особенности становления и развития // Российское предпринимательство. - 2018. С. 335–349.

3.Шугушхова, З.М. Исламский банк: особенности функционирования / З. М. Шугушхова // Вестник евразийской науки. - 2021. - Т. 13. - № 6. - URL: https://esj.today/PDF/72ECVN621.pdf

4.Ермакова Е.П. Исламский банкинг в Малайзии // «Экономика и бизнес» - 2018, С. 182–191.

5.Бобоев Н.М. Анализ структуры совокупных издержек при формировании финансовых потоков коммерческого банка. // Вестник Томского государственного педагогического университета. 2014, № 8 (149). С. 141-147.

6.Вазъи низоми бонкӣ: шарҳи рушди низои бонкӣ барои солҳои 2020-2021 (маводи электронӣ) - URL: https://nbt.tj/ (санаи истифодабарӣ: 06.01.2023).

**Бобоев Н.М.,**
**Курбонова Ф.А.**

## ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ ФИНАНСОВЫХ ПОТОКОВ В ИСЛАМСКОЙ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ

**Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова**

*Данная статья посвящена анализу этапов формирования финансовых цепочек исламских банков согласно принципам финансовой логистики. Авторы подразделяют этапы развития исламской банковской системы на три этапа, характеризуют и классифицируют исламские банки, что очень важно в изучении их деятельности. В статье выведены математические выражения финансовых потоков в практике исламского банкинга. Авторами также, на основе результатов всестороннего анализа, даются практические рекомендации, имеющие научную значимость и ценность.*

***Ключевые слова:*** *исламская банковская система, принципы исламского финансирования, традиционные банки, финансовые потоки, общие затраты, этапы развития исламского банкинга.*

**Boboev N.M.,**
**Kurbonova F.A.**

## BASICS OF ORGANIZATION OF FINANCIAL FLOWS IN ISLAMIC BANKING SYSTEM

**Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov**

